

# Паҳлавони пӯсти палангпӯш

ეროვნული
ბიბლიოთეკა



ეროვნული
ბიბლიოთეკა

НАШРИЁТИ
«ИРФОН»
ДУШАНБЕ
1 9 6



ეროვნული
ბიბლიოთეკა

ეროვნული
ბიბლიოთეკა

Шота
Руставели

# Паҳлавони пўсти палангпўш



*Порчаҳо аз достон*

НАШРИЁТИ „ИРФОН“
Душанбе 1966

7—3—3
13—66

ეროვნული
ბიბლიოთეკა

Достони «Паҳлавони пӯсти палангпӯш»-и шоири гениалии Гурҷистон Шота Руставелӣ дар ганҷинаи тамаддуни ҷаҳон дар қатори осори гаронбаҳои Шекспир, Гёте, Фирдавсӣ, Пушкин ва ғайра мақом дорад.

Асар дар заминаи афсонаҳои қаҳрамонии форс иншо ёфта, адолатпарварӣ, инсондӯстӣ, диловарӣ ва озодихоҳиро тараннум мекунад. Ҳанӯз охири солҳои сийӯм хонандаи тоҷик аз ин чашмаи салсабил чошние гирифта буд. Китоби мазкур бо иловаи тарҷимаҳо бар нашри пешин ба муносибати 800-солагии рӯзи таваллуди шоир интишор меёбад.

## ШОТА РУСТАВЕЛӢ

Бо қарори Комитети умумиҷаҳонии сулҳ дар моҳи сентябрь ҳаштсадсолагии таваллуди шоири ҷовидонии Грузия — Шота Руставелӣ, эҷодкори достони гениалии «Паҳлавони пӯсти палангпӯш» ид карда мешавад.

Таърих ба мо дар бораи худи шоир нишондоди муайяне нагузоштааст. Ягона тарҷимаи ҳоли ӯ ҳамин достонаш мебошад. Мо бояд аз худи он достон, аз образи қаҳрамонони вай шахсияти шоири гениалиро фаҳмем.

Достон дар мобайни асрҳои XII ва XIII эҷод карда шудааст.

Грузия дар он давр яке аз зӯртарин давлатҳои феодализм буд. Сарҳадҳои онро аз тарафи Ғарб баҳри Сиёҳ, аз тарафи Шарқ баҳри Каспӣ, аз тарафи Шимол Кавкази Шимолӣ, аз тарафи Ҷануб Ироқ ташкил мекарданд. Вазъияти байналхалқии Грузия мустаҳкам ва он якӯмин бор дар таърихи бисьёрасрии худ давраи дуру дарози осоиштаи тараққиётро аз сар мегузаронид. Таърихшиносон нишон медиҳанд, ки Грузия аз ҷиҳати дараҷаи маданияти худ он вақт назар ба бисьёр мамлакатҳои аврупоӣ пешқадамтар буд.

Дар асрҳои XII—XIII Грузия, ки дар роҳи байни Шарқ (Эрон, Ҳиндустон) ва Ғарб (Византия) воқеъ гардида буд, ҳам аз Византия ва ҳам аз Эрон таъсири нуфузи рӯҳонӣ медид. Ада-

биёти церковӣ (калесоӣ) аз Ғарб меомад, китобҳои ашрофу аъёнӣ бештар аз Шарқ меомаданд. Рассомӣ ҳам монанди мусиқа таъсири дутарафа медид.

Ба санъати Грузияи онвақта маданияти Эрон таъсир мекард. Эпоси баҳодуронаи Абулқосим Фирдавсӣ «Шоҳнома» зиндагӣ ва корнамоиҳои баҳодуронро тасвир менамуд ва он берун аз хоки Эрон хеле машҳур буд. Ин достонро дар Грузия ҳам медонистанд.

«Шоҳнома» он вақтҳо як навъ «маҷмӯаи қонунҳо»-и шараф ва далерии паҳлавонон буд. Вай қувваи ҷисмонии афсонавии қаҳрамононро тасвир карда буд, ки онҳо ярок бадаст девҳо ва шайтонҳои гуногунро дар ҷанг мағлуб менамуданд ва ба воситаи зӯри худ муваффақиятҳои ҳаётӣ ба даст меовардаид.

Достони мазкур низ асари қаҳрамонӣ мебошад, ҳама одилона ӯро достони бародарӣ ва дӯстӣ мешуморанд. Ин — якӯмин ва олитарин достони олами рӯҳии одам дар асрҳои миёна буда, достони пурҳаяҷони ишқӣ мебошад, ки аз ҳамаи асарҳои гении шоиронаи як вақте эҷод шудагӣ беҳтар аст.

Гарчанде мазмуни достон аз бисьёр ҷои эпоси «Шоҳнома» гирифта шуда бошад ҳам, бо вуҷуди ин асосан сартосар оригиналӣ мебошад. Ин достон барои асрҳои миёна асари наве буд.

Мо бо ҷуръат гуфта метавонем, ки асрҳои XII ва XIII дар Аврупо ва Осиё асаре эҷод накарданд, ки ҳатто то як андоза ба эҷодиёти ҷовидонаи Руставелӣ монанд бошад.

Шота Руставелӣ зиндагии паҳлавонони асри XII-ро тасвир мекунад. Паҳлавонони ӯ, қаҳрамонони достон Автандил ва Тариэл ҳардуяшон ҳам ошиқанд: якӯмаш — ба малика Тинатин, дуввӯмаш ба малика Нестан-Дареҷон ошиқ аст. Ишқи Автандил ва Тинатин — дурахшон равшан ва аз бадбахтиҳо дур аст! Ишқи Тариэл ва Нестан-Дареҷон аз сабаби мамониятҳои зиндагӣ душвор шудааст ва илова бар ин гуфти дуввӯм аз ҷиҳати характери худ ҳам

хеле нобаробар, экспансивӣ мебошад. Девҳо (каҷетҳо) Нестан-Дареҷонро медузданд. Тариэл ба ҷустуҷӯи ӯ меравад, вале нишони ӯро ёфта наметавонад.

Дар вақти сафари ҷустуҷӯ ӯ бо Автандил ошно мешавад. Автандил ба Тариэл барои ёфтани маҳбубаи ӯ ёрӣ мерасонад.

Инаст схемаи зоҳирии достон.

Вале мазмуни достон назар ба схемаи фавул (мавзӯъ) хеле чуқуртар аст, чунки достони мазкур проблемаи ташкильёбии қувваи рӯҳияи қаҳрамононро махсусан чуқур ва равшан мегузорад.

На қувваи дурушти ҷисмонӣ ва худдӯстӣ, балки софии хулқу атвор, вафодор будан ба маҳбуба, дӯстӣ бо рафиқи ҷанговар одамро хушбахт мекунад.

Зан дар тасвири ӯ натанҳо ғанимати ҷангии марди ҷангара ва на маҳбубаи мистикии шоирони сайёри ғарбӣ мебошад. Занон дар тасвири Руставелӣ — одамони ҳирс ва ҳисси бузург, дар ишқ баробар мебошанд. Занро дар ҷанг ба даст намеоваранд, ишқи ӯро ба олами охират нисбат намедиҳанд, ӯро фақат бо рафторҳои қаҳрамононаи ахлоқӣ ба даст меоранд.

Шота Руставелӣ дар ин ҷо ҳам ба ҷои қоидаҳои кӯҳнаи ишқу ошиқӣ қоидаҳои нав нишон медиҳад. Ин қоидаҳо намунаҳои аввалини гуманизм шудаанд.

Вале гении Грузия боз ҳам пештар меравад.

Қаҳрамонони ӯ на тақсимоти диниро медонанд ва на тақсимоти миллиро. Дар достон фишори церкови асри миёна ҳис карда намешавад ва инчунин маҳдудияти сохти миллӣ, ки он вақт дар замони феодализм ҳатто ба одамони пешқадамтарин ҳам ҳукмрон буд, дида намешавад. Руставелӣ бародарии паҳлавононеро, ки бо қаробати рӯҳӣ ва ягонагии вазифаҳои зиндагониашон вобастаанд, нақл мекунад.

Ин тарғибот ҳам барои ҷамъияти феодалӣ сухани наве буд ва дар навбати худ намунаи нахустини ҳаракати азим — гуманизм

шуд, ки он дусад сол баъд аз Руставелӣ Аврупоро фаро гирифт.

Тохти муғулон ба Грузия мамлакати гул-гулшукуфтаро ба харобазор мубаддал намуд. Маданият аз тараққӣ боз монд.

Овози Руставелии ҷовидон ба мамлакатҳои ғарбӣ нарасид ва вақте ки дар асри XV Грузия зулми ғосибони муғулро нест кард, мамлакатҳои ғарбӣ ва дар навбати аввал Италия якӯмин аҳкоми гуманизмро ба инсоният маълум намуданд, инҳо ҳамон аҳкомеанд, ки дусад сол пеш аз ҳамон вақт шоири гурҷӣ бо як навъ қувват ва ҷасорати азим ифода намуда буд.

Барқарор шудани маданият дар Грузия бо таъсири Руставелӣ сар мешавад. Назми грузин аз таҷрибаҳои ӯ ба вуҷуд меояд. Аз асри XVIII сар карда шӯҳрати Руставелӣ калисоҳои Грузияро ба воҳима меандозад. Ва асарҳои шоир сӯзонда мешаванд.

Вале маҳв намудани асари гениалӣ мумкин набуд.

Он асар дар байни халқ боқӣ монд ва аз як насл ба насли дигар мегузашт. Халқи грузин то ҳол ҳам шеърҳои Руставелиро медонад. Ҳанӯз ҳам ки асрҳои бисьёре гузаштааст, образҳои шоири бузург хонандаро бо софии ахлоқии худ, бо фаровонии ҳиссиёти худ ба ҳаяҷон меандозанд.

Дӯстӣ — ҳамчун муҳаббат мавзӯи ҷовидонист. Замон аҳамияти ин мавзӯъҳоро суст накард, балки торафт зӯртар намуд.

Халқҳои Иттифоқи Советӣ, ки дар зери роҳбарии партияи Ленин мамлакати социализмро барпо намуданд ва ба ҷаҳон ахлоқи олии коммунистиро эълон намуданд, ягона ворисн қонунии Руставелии ҷовидон мебошанд.

Давлати социалистии коргарон ва деҳқонон, ки аз тарафи одам истисмор шудани одамро барҳам додааст, якӯмин бор дар таърих ахлоқи аслии одамиро ба вуҷуд меорад, тамоми ҳиссиёти нағзро тарбия медиҳад. Шараф, дӯстӣ, далерӣ нормаи ахлоқи умумӣ шуда истодаанд. Бинобар он аз хазинаи маданияти ҷаҳон ба мо махсусан он эҷодкориҳое наздиканд, ки дар дигар вазъияти таърихӣ ва дар

дигар шароит — ҳиссиёти аълои бародарӣ, дӯстӣ ва муҳаббатро мадҳ мекарданд. Аз байни ин хазинаҳо яке аз ҷойҳои якӯм бешубҳа ба эҷодиёти гениалии Руставелӣ ба достони «Паҳлавони пӯсти палангпӯш» мансуб мебошад.

Аз ин ҷиҳат ид кардани 800-солагии рӯзи таваллуди ӯ — иди тамоми миллатҳои Иттифоқи Советӣ мебошад.

Ин шоири ҷовиди грузин ба ҳар як халқ азиз аст, чунки ӯ ба ҳама фаҳмо, ба ҳама наздик аст ва ӯ ҷовид хоҳад монд.

*И. Павленко*

ეროვნული ბიბლიოთეკა

ეროვნული ბიბლიოთეკა

## «ПАҲЛАВОНИ ПУСТИ ПАЛАНГПӮШ»

### (Мазмуни мухтасари достон)

Ростеван, подшоҳи Арабистон духтари худ Тинатини нозанинро ба тахт мешинонад. Дар байни меҳмононе, ки ба он маросим даъват карда шудаанд, сипаҳсолор Автандил ҳам ҳаст, ки ӯ ба Тинатин ошиқ шудааст.

Дар вақти шикор меҳмонони подшоҳ Ростеван як ҷавони палангинапӯшро мебинанд. Ӯ дар лаби дарьё нишаста зор-зор гирья мекунад. Ҷавони ношинос чунон хушрӯст, ки рӯи ӯ ба атрофи худ шӯълаҳо мепошад. Подшоҳ ба аскарони худ амр мекунад, ки он ҷавонро ба пеши ӯ биёранд. Вале ҷавони ношиноси палангинапӯш фавран ба асп савор шуда, аз назари аскарони Ростеван ғоиб мешавад.

Тинатин ба дидани ҷавони асрорангез майл пайдо мекунад ва аз Автандил илтимос менамояд, ки он ношиносро ҷустуҷӯ намуда ёбад. Илтимоси духтари маҳбуб барои паҳлавон қонун аст. Автандил се соли тамом оламро тай намуда ва охир паи паҳлавонро меёбад, ӯ дар ғоре пинҳон гардидааст... Автандил поида меистад, ҳамин ки ҷавони палангинапӯш баромада рафт, ӯ ба он ғор медарояд. Дар он ҷо ӯ ба зане вомехӯрад; он зан ба ӯ нақл мекунад, ки ҷавони дар ғор истиқомат мекардагӣ сипаҳсолори Ҳиндустон — Тариэл мебошад.

Тариэл ба ғор бармегардад ва зан аз ӯ илтимос мекунад, ки ба ошнои нав саргузашташиро ҳикоя кунад.

Тариэл зор-зор гирья карда ба маликаи Ҳиндустон — Нестан-Дареҷон ошиқ будани худро ҳикоя мекунад.

Падару модари Нестан духтари нозанини худро ба шаҳзодаи Хоразм доданӣ мешаванд, вале Тариэл домодро мекушад. Подшоҳи Ҳиндустон дарак мекунад, ки духтараш талқинкунандаи ин қатл аст. Ӯ ба хашму ғазаб омада қасам мехӯрад, ки ба мураббияи духтараш — ба хоҳари худ Довар, маликаи каҷетҳо ҷазо диҳад. Дар ин мамлакат одамони воҳиманоки афсонавӣ — каҷетҳо (девҳо) зиндагӣ мекунанд. Бо фармони Малика Довар каҷетҳо Нестан-Дареҷонро гирифта мебаранд.

Тариэл барои ҷустуҷӯи Нестан меравад. Ӯ як соли пурра бо лашкари худ овораи ҷустуҷӯ мешавад, вале паи Дареҷонро намеёбад. Тамоми лашкари ӯ аз офатҳои гуногун мемуранд. Дар охир гузори Тариэл ба як мамлакати ношинос меафтад, дар он ҷо ба подшоҳ Фридон вомехӯрад. Фридон ба Тариэл ҳикоя мекунад, ки рӯзе ба соҳил як заврақ наздик шуд ва аз он заврақ ду нафар ғулом як зани нозанинро гирифта баровsecuritydand. Ғуломон ҳамин ки подшоҳро диданд, нозанинро зуд ба заврақ бор карда гурехтанд. Тариэл аз ин ҳикоя мефаҳмад, ки он зан маъшуқаи ӯ — Нестан-Дареҷон аст. Ӯ боз ба ҷустуҷӯ меравад вале натиҷае ҳосил намешавад. Тариэл ба қаҳру ғазаб меояд, ӯ ба ғоре сокин мешавад ва аввал девҳои дар он ҷо мезистагиро мекушад. Аз байни тамоми лашкар фақат канизак Асмат бо Тариэл мемонад.

Дар навбати худ Автандил аз саргузашти худ ҳикоя карда ваъда медиҳад, ки бо якҷоягии Тариэл маликаро ҷустуҷӯ намояд. Ӯ ба назди Тинатини худ меравад. Ба вай маълум мекунад, ки ҷавони палангинапӯшро ёфта ва ба он ваъда додааст, ки дар ҷустуҷӯи маҳбубаи ӯ ёрӣ расонад. Тинатин беҳуда Автандилро боз доштанӣ мешавад — паҳлавон аҳду паймони дӯстиро дар хотир дорад. Аз барои дӯсташ ӯ тайёр аст, ки дар хатар монад ва азобҳо кашад.

Автандил меравад ва ба подшоҳ Ростеван васиятномае мемонад, ки дар он қарзи бузурги дӯстӣ зикр карда мешавад.

Автандил барои ҷустуҷӯи маъшуқаи Тариэл оламро тай намуда ба хонаи савдогаре сокин мешавад. Фотимахотун, зани савдогар ба Автандил ҳикоя мекунад, ки рӯзе ба боғи онҳо, ки дар соҳили баҳр воқеъ гардидааст, заврақе наздик шуда, аз он заврақ ғуломон духтари нозанинеро фаровcovered. Фотима ба куштани ғуломон фармон додааст ва духтари нозанинро ба пеши худ гирифтааст. Ин Нестан-

Дареҷон буд. Духтари камгапи ғамгин дар пеши Фотима дере на-истод. Ӯро подшоҳи ҳамон мамлакат ба пеши худ мегирад. Дареҷон ба посбони сарой пора дода мегурезад, вале баъд ба дасти каҷетҳои даҳшатнок асир меафтад. Онҳо духтарро ба қалъаи баланди пойнораси каҷетӣ ҳабс мекунанд.

Тариэл, Автандил ва Фридон қалъаи каҷетҳоро муҳосира мекунанд. Онро иҳота намуда мегиранд ва Нестан-Дареҷонро озод мекунанд.

Қаҳрамонон ба Арабистон рафта дар он ҷо тӯи Автандил ва Тинатинро мегузаронанд. Баъд ҳарсеяшон ба Ҳиндустон меравани. Дар роҳ онҳо мефаҳманд, ки подшоҳи Ҳиндустон падари Нестан-Дареҷон вафот кардааст. Пойтахти Ҳиндустонро хитойҳо муҳосира намудаанд ва подшоҳи онҳо Рамаз тахти Ҳиндустонро гирифтанист.

Дар наздикии сарҳадди Ҳиндустон қаҳрамонон бо лашкари хитоиҳо меҷанганд ва хитоиҳо шикаст мехӯранд, подшоҳи онҳо Рамаз асир мешавад. Халқи Ҳиндустон хурсандӣ ва айшу ишрат мекунанд, чунки мамлакат аз хитоиҳо озод шуд. Малика ва Тариэл ба пеши онҳо гашта омаданд.

Шоир дар образҳои дурахшон беҳтарин хислатҳои одамдӯстӣ: садоқат, далерии самимона, дӯст доштани ватанро тараннум менамояд ва хоинону тарсончакҳоро сахт ҳақорат медиҳад.

Ин хислатҳое, ки дар достони шоири бузурги Грузия таъриф карда шудаанд, ҳоло дар мамлакати озоди советӣ таҷассуми мукаммал пайдо карданд.

ეროვნული ბიბლიოთეკა



## ДЕБОЧА

Ҳамон рӯзе, ки халлоқи ҷаҳон бо қудрати аъзам
Дамид андар тани берӯҳи мавҷудоти олам дам,
Ба мо, бар аҳли инсон бебадал файзу сафоҳо дод,
Ба ҷояш сояи худ дар замин-як подшо бинҳод.

Худои яккаву танҳо, ту акси тинати мой,
Бихоҳам дафъ кардан кулли шайтон, изн фармой.
Ту сӯзи ошиқонам деҳ, ки дар дил то абад бошад,
Гуноҳамро сабук гардон, агар вазнин зи ҳад бошад.

Чи шоҳ аст ӯ, ки шеру найзаю тираш ба фармон аст,
Камонабрӯи зулфанбар Тамарӣ шоҳи шерон аст.
Чи густохӣ, ки хонам мадҳу авсофаш ба дастонҳо,
Ки ҳар кӣ барқи рӯяш дид, ёбад олӣ эҳсонро.

Ба сад хуни ҷигар хонам санои шаҳриёри дил,
Сурудам пеш аз ин баҳраш навои навбаҳори дил.
Қаламро аз саводи абрӯяш омӯхтам ранге,
Ки булбул дар сари созам ба афғон асту оҳанге.

Ба шаънаш достонгӯӣ насиби олиям гашта,
Камони абрӯ, тири мижжа, лаъли ӯ маро кушта,
Чу лӯълӯ меравад ашкам зи шавқи дурри дандонаш,
Шавад алмос ҳам пора, агарчи сурб сандонаш!

Кунун бояд маро нутқе фасеҳу қалбе оташбор,
Бияфзо зеҳну идрокам, бубахшо қуввате саршор,
Дар он сурат тавонам шӯҳра гардонам Тариэлро,
Ҳам он се пайкари аврангзеби мӯниси дилҳо...

Биё, шинему аз баҳри Тариэл ашк резонем,
Ки монандаш ба олам зода аз модар намедонем!
Нишастам, Руставелӣ, бо дили садпора аз ғамҳош,
Куҳан афсонае дар назм овардам бар ӯ подош.

Ман он дастонсарои руставиям, қисса пардозам
Ба номи он парирухсор, андар сӯзаму созам,
Кашидам ранҷи ишқи ӯву дармоне намеёбам,
Ки бошад, ё шифо бахшад, диҳад ё ҷовидон хобам.

Ба лафзи гурҷӣ орам қиссаҳои форсро имрӯз,
Кашам дурдонаҳо дар силки назми хуби табъафрӯз.
Басо маънои рангин ҷустаму хуни ҷигар хӯрдам,
Ба лутф олиҷанобиман диҳад шодии дархурдам.

Ба ёди як нигоҳи ӯ ду чашмам косаи хун аст,
Дили ман мубталои ӯ, диёрам дашту ҳомун аст.
Агар сӯзад саропоям, надорам бок, хурсандам,
Зи шеър афрӯхтам машъал ба он се гурди дилбандам.

Зи хатти сарнавишти худ наёяд кас бурун асло,
Ба кишташ деҳқон шоду сипаҳ бо шашпари бурро.
Ба ошиқ хуштар аз лутфи нигораш чизи дигар нест.
Чи хуш, ҳар кас ба коре банду бо ҳам кинапарвар нест.



ეროვნული ბიბლიოთეკა

ეროვნული
ბიბლიოთეკა

Чаманзори диёри илму ирфон назми волояст,
Дар ӯ нури илоҳӣ ҳасту сомеъро фараҳзояст.
Аз ӯ бар мехӯрад он кас, ки маънорас бувад, ҳаққо,
Чи хуш назм аст он қатра, ки созад акс оламро.

Бисанҷанд аспро дар роҳи дуру тундпаймоӣ,
Зи чустӣ марди чавгонбоз дорад дастболоӣ.
Ҳамин сон шоир андар шеъргӯӣ мебарад шӯҳрат,
Зи гуфтан лаб фурӯ бандад, агар байташ кунад лакчат.

Назар бо шоир андозед он гоҳе, ки илҳомаш
Бияфсурду каломаш бесафо гардиду беоташ,
Зи маъноҳои рангини фасоҳатноки оташбор
Шикоре метавонад кард оё чобуку ҳушёр.

Набошад шоир он шахсе, ки як-ду шеъраке бингошт,
Махоҳедаш, агар худро бузурги шоирон пиндошт.
Ки баъзан як-ду шеъри хомро пардохта зӯран,
Занад аррос ҳар ҷо: «Шеъри ман олист, шоир ман!»

Бувад ҳам зумрае, ки сустназму холӣ аз маъно,
Бигӯяд шеъри бетаъсири дилноҷӯи по дар по.
Ман онҳоро шабоҳат медиҳам бо беҳунар сайёд,
Ки бим аз ваҳшиён доранду аз сайди магас дилшод.

Бувад ин гуна шоир ҳам, ки дар базму зиёфатҳо
Надорад устухон дар шеърбофию зарофатҳо.
Хуш аст он ҳам, агар бошад каломаш содаю равшан,
Чи шоир, гар надорад иқтидори достон гуфтан!

Набояд барабас ранҷе бара дар шеъри худ шоир,
Сухан бошад бар ӯ маъшуқи шириншеваи нодир,
Тамоми рози пинҳонаш ба ӯ фошу аён бошад,
Нахоҳад ҷуз ба васли ӯ, ба-д-ӯ шеъраш ҷавон бошад.

Бигӯям фош акнун: «Месароям ҷовидон ӯро.
Бароям ин шараф олӣ, надорам шарм з-ин асло.
Агарчи чун паланге ҳаст бераҳме, ҳаётам ӯст,
Ниҳонӣ мебарам номаш дар ин дастон, бихон, эй дӯст.

Ман ин ҷо ишқи дилҳоро тараннум мекунам бо сӯз,
Чи мушкил дар сухан овардани ишқи равонафрӯз.
Ки ишқи ман заминӣ нест, гардунҳост маъвояш,
Гирифторам ба ҳар неше паи нӯши таманнояш.

Набошад ишқ мафҳуми назарбозони ботадбир,
Каломи ишқ бар гӯшу забонҳо мерасад дилгир,
Агар кас ҳисси шаҳватро биёмезад ба номи ишқ,
Ҳама лофу газофи ӯ бувад ҳарфи ҳароми ишқ,

Араб «маҷнун» бихонад ошиқони ношикеборо,
Ки ӯ дар печу тобастӣ, чу мӯ дар оташи савдо.
Гурӯҳе ошиқон бо нола рӯ сӯи фалак доранд,
Дигар-зоҳирпарастон волаи холу хати ёранд.

Бувад маҷнун ба зебоӣ чу он хуршеди тобоне,
Хирадмандеву сарватманду озоду баэҳсоне.
Сухансанҷу батадбиру сабуру фотеҳи майдон,
Надорад ҳар кӣ ин хислат, на ӯ лоиқ ба ин унвон,



ეროვნული ბიბლიოთეკა

Муҳаббат-ҳисси олӣ, дарки ӯ як олами роҳ аст,
Муҳаббат дигару шаҳват дигар, ин моҳу он чоҳ аст,
Миёни ин ду маънӣ вартаи беохире пайдост,
Намеояд ба ҳам ду соҳилаш, то ин ҷаҳон барпост.

Вафодорию покӣ хосаи некӯи маҷнунист,
Ба ҳаҷри ёр кори ӯ, хушо, фарьёду дилхунист,
Ба ҷабри ёр хурсандасту бигзорад сипосе ҳам,
Хушомадгӯию «қолу қиле»-ро ман намехоҳам!

Чунин кирдор маҷнунро намезебад, намешояд,
Дами ҳиҷрон ба васли дигаре ӯ комрон н-ояд
В-агарна ӯ на маҷнун, бал ҷавоне булҳавас бошад,
Хушо маҷнун, ки бегона зи суди хешу кас бошад.

Каси ошиқ наронад номи ишқ андар забон асло,
Кашад ҷабру ҷафои ҳаҷрро дар хилвате танҳо.
Зи ҳоли мустамандаш кас наёбад огаҳӣ боре,
Ба қаҳру нози ҷонона гузорад шукри бисьёре.

Нагӯяд бо касе маҷнун таманнои дили пурхун,
Нигаҳ дорад шараф ҳам шони маъшуқ аз забони дун.
Наронад ҳарфи ишқу ошиқӣ бо мардуми ҳушьёр,
Барояш базм бошад зулми маъшуқу ҷаҳад дар нор.

Ҳақиру бебасар он, к-ӯ надонад роздориро,
Чи суде оварад бар хешу ёри ғамгусореро.
Агар бишкаст шаъни нозанинаш бо забонбозӣ,
Чӣ мехоҳад ба ин кирдор з-он сарви сарафрозе?!

Чаро кас фош мегӯяд, ки ҳаст ӯ ошиқи шайдо,
Чаро бадном созад дилбарашро байни одамҳо!
Агар ӯро надорад дӯст, пас баҳри чӣ бадкорист,
Вале бадхӯю бадгапро ҳамин як шавқи саршорест.

Агар ошиқ бинолад дар ғами маъшуқа, шоён аст;
Ки ашкаш ҳар куҷо резад, заминаш гул ба домон аст,
Дурахшад дар ҳаёташ офтоби ёди ҷонона,
Нагардад лек ишқи ӯ миёни халқ афсона.

ეროვნული ბიბლიოთეკა



## ҚИССАИ РОСТЕВАН — ПОДШОҲИ АРАБ

Ба фармони худо андар араб буд Ростеван султон,
Бузургу босаховат, соҳиби фавҷу яли бемар,
Ба ғоят меҳрубону одилу хушвақту ботадбир,
Ки худ ҷанговари бемисл буду нотиқи даврон.

Набуд он подшаҳро ғайри як духтар дигар фарзанд,
Ҷаҳонафрӯзу оламсӯз чун хуршеди тобон буд,
Ба як дидан рабуд ӯ ақлу ҳушу ҷони бинанда,
Ба васфаш нутқи зебо ҳоҷат асту марди донишманд.

Тинатин буд номи духтар — инро боядо донист!
Чу гардид ӯ калон, шарманда кардӣ меҳри рахшонро.
Нишаста шоҳ бо тамкин талаб карда вазиронро,
Нишонда назди худ сар кард сӯҳбат меҳрубонона.

Бигуфто: «Пурсише дорам, паи якҷоя санҷидан:
Чу гул дар бӯстон пажмурда ё хушку забун ояд,
Ба ҷояш дар гулистон боз дигар гул бурун ояд.
Фурӯ шуд офтоби умри ман, омад шаби торик.

Гузашт умрам, расид айёми пирӣ-дарди бедармон,
Агар имрӯз не, фардо бимирам, ин раҳи даврон.
Чи сон ин равшаноӣ, тирагӣ ҳамраҳ бувад бо он?!
Ҳамин фарзанди хуштар з-офтобам мешавад султон».



ეროვნული ბიბლიოთეკა

Вазирон дода посух: «Шаҳ, чаро гӯӣ зи пириат,
Агар гул хушк гардад, боз аз он мо баҳраманд астем,
Чаро, ки рангу зебу накҳаташ аз дигарон хуштар,
Куҷо бо моҳи гардун метавонад ҳамсарӣ ахтар?!

Магӯ, эй подшаҳ ин сон. Напажмурда гулат ҳоло,
Суханҳои бадат ҳатто зи хуби дигарон беҳтар;
Валекин орзую матлабат бояд шавад иҷро:
Диҳӣ шоҳӣ касеро, к-офтоб ӯрост фармонбар.

Агар чи зан бувад ӯ, шоҳ аз тақдир мебошад,
Нагӯемат тамаллуқ, ӯ тариқи салтанат донад,
Ки кораш чун ҷилои ӯ ба хуршеди ҷаҳон монад:
Агар мода ва гар нар шербачча, шер мебошад».



ეროვნული ბიბლიოთეკა

Будӣ сарлашкар Автандил, фарзанди сипаҳсолор,
Ба қад чун сарви бӯстону ба рух хуршеди тобон буд,
Ҷавони наврасу болобаланду нозанин бисьёр,
Шикори тири мижгонҳои зебои Тинатин шуд.

Ба дил пинҳон ҳамеварзид меҳри он дури макнун,
Дар айёми ҷудоӣ ранги рӯяш заъфарон мешуд,
Чу дидаш боз барафрӯхт, захми дил бишуд афзун.
Муҳаббат лоиқи ҳайфаст, дилро мекунад пурхун.

Чу султон кард эълон сарварии духтари худро,
Бишуд хурсанд Автандил, бишуд паст оташи дардаш;
Ба худ гуфто: «Кунун боло ҳамебинам қади ӯро,
Аҷаб не баҳри ранги зарди худ дору кунам пайдо!»

Шаҳаншоҳи араб андар араб дод ин чунин фармон:
«Тинатин духтарамро шоҳ кардам, волиди ӯям;
Ба сони меҳри тобон мекунад равшан ҷаҳонеро,
Биёед аз барои дидани он шӯҳраи кайҳон».

Арабҳо омада сартосару аз ҳад фузун аъён:
Сипаҳсолор-Автандил чу хуршеде буди тобон.
Чу бинҳоданд тахт онҳо, вазири неки шаҳ Суқрот
Чунин гуфто, ки «натвонад касе гуфтан баҳои он!»

Тинатинро падар бар тахт бо симои хуш биншонд,
Ниҳод ӯ тоҷи шоҳӣ бар сараш бо дасти хоси хеш,
Бидодаш подшоҳию либоси салтанат пӯшонд.
Чу хур, духтар тамомӣ бо фаросат бингарад дар пеш.

Пас аз таъзим шоҳу лашкари ӯ ҷумла баргаштанд,
Зи ҳар ҷониб дуои хайру бас ҳамду сано омад.
Ҳаловат аз навоҳои наю шайпур мебурданд.
Намояд гирья духтар, ашк резад, ӯ бувад маҳзун.

Бар авранги падар шистан ба худ шоиста нашморид,
Барои ин равон буд сели ашкаш бар рухи зебо;
Насиҳат мекунад султон: «Валиаҳди падар фарзанд,
Намирад нори сӯзонам, нагардад то ҳамин иҷро».

Бифармуд: «Духтарам, манмой гирья, нақли ман
бишнав:
Бихондемат туро имрӯз, то шоҳи араб гардӣ,
Аз ин дам бар ту биспурдем ин давлат ба хурсандӣ.
Ҳакимона амал кун. Дурандешу фурӯтан шав.

Ҳамон тавре, ки хур бар хору бар гул нур-исор аст,
Ту ҳам баҳри кабирону сағирон меҳрубонӣ кун!
Сахӣ саркаш кунад тобеъ, вафогар худ вафодор аст.
Сахо кун, баҳрҳо, бин, об ҳам гиранду ҳам бахшанд.

Саховат зинати шоҳон, чу ар-ар зинати фирдавс;
Сахиро ҷумла тобеанд, ҳатто одами хоин.
Захира суд, аммо ҷамъи беақлонааш чӣ суд.
Ҳар он чи бидҳӣ, онӣ туст, ҳаронч надҳӣ-бувад нобуд».

Ба ин таълими бобаш оқилона дод духтар гӯш,
Нашуд безор аз панду ба диққат ҷумларо фаҳмид;
Ба по бинмуд султон базмҳои хурраму пурҷӯш;
Тинатин баргузашт аз меҳр, меҳр ӯро кунад тақлид.

ეროვნული ბიბლიოთეკა

Бизад ҷеғ ӯ мураббии вафодору ба сидқи худ,
Бигуфт: «Ганҷинаам ки мӯҳр кардастӣ, ба ман овар,
Ҳама чизи маро чун духти султонам ба ман деҳ зуд».
Ба ӯ доданду ӯ бахшид беандозаву бемар.

Худи он рӯз бахшид ӯ тамоми сарвати худро,
Аз эҳсони бузурги вай ғанӣ гаштанд хосу ом.
Сипас фармуд: «Ман панди падарро мекунам иҷро,
Бимон то ҳеҷ кас накнад ба кишвар ганҷи ман пинҳон».

Бидод ӯ амр: «Ҳарҷо ганҷи ман бошад кушоедаш!
Саис, ин ҷо биёвар бетаваққуф галлаи аспон!»
Биёварданду ӯ мекард берун аз шумор эҳсон;
Чу duздон карда ғорат моли пурқимат сипоҳиён.

Ба монанди ғанимат, мешудӣ ганҷинааш толон,
Бибурданд аспҳои тозии озодаву пурзӯр;
Вай андар бахшишу эҳсон чу тӯфони самой буд,
Намемонад ягон марду зане холию нохушнуд.

Шуд он базми якӯмин рӯз, нуқлу меваву май буд,
Сипоҳи бешуморе буд дар он базми шоҳона;
Сари худ кард хам султону андӯҳгиниаш афзуд,
«Чаро озурда ӯ, чӣ рӯй дода?» — гуфтугӯҳо шуд.

Ба садри бошукӯҳ биншаста Автандил писандида,
Бувад сардори лашкар чусту чаққон чун палангу шер;
Ба паҳлӯяш вазири пир Суқроти ҷаҳондида,
Ба ҳам гуфта: «Чаро ғамгин шуда султону рангаш
зард?»

Ҳамегуфтанд: «ё шаҳ дар ягон торик фикр афтод,
Дар ин ҷо кай тавонистӣ кунад чизе ҳазин ӯро».
Бигуфт Автандил: «Эй Суқрот, чаро дурӣ кунад аз мо,
Ба ҳазлу шӯхӣ пурсемаш, магар надҳад ҷавоби мо?»

Зи ҷо Суқроту Автандил биҷаста, бо қади мавзун,
Қадаҳ пур карда, ҳар ду бо тавозуъ дар бари султон,
Ба зонуи адаб биншаста наздаш бо рухи хандон,
Вазир оғози нутқи бофасоҳат кард баҳри он.

«Ту маҳзун гаштаӣ, эй шаҳ, гули рӯи ту хандон нест.
Ту ҳаққӣ, сарвати пурқиматат нобуд шуд пайҳам,
Ҳамаро духтари ҳимматбаландат мекунад тақсим.
Намекардӣ шаҳаш, беҳ буд, чаро баҳрат харидӣ ғам!»

Шунид шоҳ ин, нигоҳе кард ӯро бо ҷабини шод,
Ба ҳайрат шуд чи сон ӯ кард ҷуръат ин сухан гуфтан;
Накӯ кардӣ, ташаккур гуфту ваъда, меҳрубонӣ дод,
Дуруғ ин ҳар кӣ манро дар хасисӣ сарзаниш бикнод.

«На аз онам хавотир, эй вазир, дон аз чӣ маҳзунам:
Шудам ман мӯсафед акнуну айёми ҷавонӣ рафт,
Ягон кас нест дар сартосари мулки бузурги мо,
Ки то омӯхтӣ аз ман тариқи паҳлавониро.

Ягона духтаре дорам, ки зебоест беҳамбоз,
Худо пурам надода, қисматам дар ин ҷаҳон ин аст,—
Баробар мешудӣ бо ман чу тирандозу чавгонбоз;
Каме монад ба ман парвардаам Автандили мумтоз».

Яли мағрур бо ҳурмат каломи шоҳ гӯш андохт.
Табассум бо сари хам кард, табассум дод зеб ӯро.
Ҷилои дурри дандонҳош майдонро мунаввар сохт.
Бигуфт шаҳ: «Бар чӣ ханди, ё хиҷолат мекунӣ моро?».

Зи нав гуфто: «Қасам бар ҷон, чаро бар ман ҳамехандӣ!»
Ба ҳурмат дод посух паҳлавон: «Ман бо ту мегӯям,
Вале қавлам бидеҳ, к-аз гуфти ман хашмат намеояд,
Маро нашморӣ дилозору баҳри ин ҷазо надҳӣ».

Намуд шаҳ эътибор: «Асло наранҷам аз суханҳоят»,
Қасам хӯрд ӯ ба духтарш, он, ки буд аз меҳр зеботар.
Пас Автандил бигуфт: «Акнун тавонам гап намоям сар:
Машав мағрури тирандозӣ, ботамкин шавӣ беҳтар».

ეროვნული
ბიბლიოთეკა

«Шавам қурбонат, Автандил, тирандози моҳиртар,
Гарав бандему фавҷат он замон гардад ҳакам дар он».
«Кӣ ҳамтоям шавад, гуфтед, дар майдон? Ба қавл истед.
Ҳакам бошанд моро гӯю майдон, эй шаҳи даврон».

Шаҳаш гуфто: «Намонам ман туро ин сон рақобат кард,
Ту гуфтӣ: тир андозем, аз қавлат нагард асло;
Бимон ҷанговарони хуб чун шоҳид равад бо мо,
Диҳад майдон нишон он гаҳ, киро тавсиф бинмоянд».

Итоат кард Автандил, бо он ёфт кор анҷом.
Намуда хандаву шӯхию бо ҳам меҳрубон буданд;
Кашокаш дар гарав карданду доданд ин қарори хуб:
«Се рӯзи пурра сарлуч гардад он, кӣ мешавад мағлуб».

Зи нав фармуд шаҳ: «Бо мо даҳу ду кас равад навкар,
Даҳу ду одами дигар диҳандмон тир дар пушта:
Аз онҳо ҳар якаш бо шермарди ту бувад ҳамсар.
Шуморанд бехато онҳо тамоми захмию кушта».

Ба сайёдон малик дод амр: «Кӯҳу пушта тай созед,
Бубинед то куҷо бисьёр ҳайвоноти ваҳшӣ ҳаст».
Ба ҳарбиён нидо доданд: «Ғун гардед, тез оед».
Ба охир омад он базме, ки он ҷо хуррамӣ кардем.

ეროვნული ბიბლიოთეკა



## ПОДШОҲ РОСТЕВАН ВА АВТАНДИЛ ДАР ШИКОР

Саҳаргаҳ омад Автандили хушандому гулрухсор,
Ба ранги арғувонӣ, бо рухи чун лаъли партавдор,
Ба китфаш ҷомаи зарбоф, буд шамшердори хуб,
Саворонро ба рафтан шоҳ фармон дод бо ҳанҷор.

Бишуд тайёр шаҳ, рафтанд баҳри сайд бар аспон;
Тамоми сайдгаҳро халқ чун занҷир печонда,
Будӣ ғавғову идона пароганда сипоҳиён,
Задандӣ тир аз рӯи гарав, нахчир афганда.

Малик фармуд: «Даҳу ду кас биёед ҳамраҳи моён,
Барои мо камонҳои тарангу тирҳо бидҳед,
Шумоwelcome тирандозию сайд андоза бинмоед!»
Зи ҳар кунҷу канори сайдгаҳ нахчир буд тозон.

Ҳамеронданд берун аз шумур сайди биёбонро —
Гавазну гӯрхар, бузҳову нахчирони хушмаҳмез,
Варо дунбол карда ҳукмфармоёну навкарҳо,—
Чӣ беҳтар бар тамошо! Аз камону дасти бурду бор.

Зи чанги сумми аспон тира шуд рӯи хури гардун,
Намуданд сайд онҳо, дар биёбон гашт ҷорӣ хун;
Намонд ар тирашон, аз нав ҳамедоданд навкарҳо;
Наҷунбидӣ зи ҷо сайде, ки захмӣ кардаанд онҳо.

ეროვნული ბიბლიოთეკა

Шуда тозон ба дашту тӯдаи ҳайвон ҳамеронданд,
Ба қаҳр оварда аз куштан худои осмониро;
Замин аз хун ба худ бигрифта ранги арғувониро.
Ба Автандил мегуфтанд: «Ба нахли ҷаннат ӯ монанд».

Намуда сайдгаҳ тай омада то охираш онҳо,
Паси он сайдгаҳ — дарьё, лаби ӯ қуллаи кӯҳ буд.
Ба ҷангал тохт ҳайвонот, натвон рафт асп он ҷо.
Шуда монда, агар чи хостанд онҳо далериро.

Ба ҳамдигар ҳамегуфтанд бо ханда: «Манам ғолиб!»
Ба ҳам ҳазлу талаттуф карда, дам бигрифта дар ҳар ҷо;
Пас аз он пеши онҳо ҷамъ гардиданд навкарҳо,
Малик фармуд: «Акнун ростӣ гӯед баҳри мо».

Ғуломон дода посух: «Бар шумо мо рост мегӯем,
Малик, бо ӯ шумо ҳаргиз нагардидед ҳампоя,
Кушимон ҳам, ба ӯ ҳамто най, мо ёрӣ натвонем,—
Наҷунбиданд захмиҳош аз ҷо, хуб медонем.

Тамоми сайдатон якҷоя бошад бистӣ сад бор,
Зада Автандил аммо бист сарро аз шумо афзун:
Хато ҳаргиз нарафта тирҳои он яли чолок,
Вале бисьёрҳо тири шумо мо ёфтем аз хок».

Маликро ин хабар мисли суруди дилрабо бинмуд,
Хушӣ мекард ӯ аз нусрати парвардаи хубаш,
Вай ӯро нағз медид, он чунон, ки булбулон гулро,
Хушу хуррам шуду ғам шуд бурун аз қалби марғубаш.

Суи соя шитобиданд баҳри салқинӣ онҳо.
Сипоҳиён шуда ғун, бештар аз хӯша дар кишта;
Даҳу ду кас ғуломони шуҷоъ дар пеш истода.
Тамошо карда онҳо хуррамона ҷангалу дарьё.

ეროვნული
ბიბლიოთეკა



## ЧӢ НАВЪ ПОДШОҲИ АРАБ ПАҲЛАВОНИ ПӮСТИ ПАЛАНГПӮШРО ДИД

Бидиданд паҳлавоне бар лаби дарьё ба афғон буд,
Ба сони шер хушҳайкал, ба каф афсори мушкин дошт.
Лаҷому зину пӯшокаш ҳама пур дурру марҷон буд,
Сиришки қалби ҷӯшонаш равон бар рӯи ғамгин дошт.

Ба тан пӯсти палангон дошт ӯ, мӯинааш берун;
Кулоҳаш низ аз пӯсти палангони биёбон буд;
Ба дасташ дошт қамчине, ки ғафс аз дасти инсон буд.
Намуда майл онҳо дарк карданд, к-ӯ ба чи сон буд.

Ғуломе рафт, то бо он яли маҳзун сухан ронад,
Ки зорӣ менамудӣ бо сари хам, дидаи гирьён,—
Ҳамерезонд борони сиришк аз новаки мижгон.
Ғулом наздик шуд, ялро набуд вақти сухан гуфтан.

Ғуломи тарсхӯрдаро набуд ҷуръат ба гуфтугӯй,
Басе кардаш нигаҳ, гӯё бақувват гашт қалби ӯй.
Бигуфто: «Шоҳ фармудаст рафтан назди ӯ»-ву рафт,
Вай андар гирья, чизе нашнавад, аз кас набурдӣ бӯй.

Ягон ҳарфу баён аз он ғуломак паҳлавон нашнид,
Зи ғавғои қӯшуни бас фузун ӯ монд бепарво;
Зи қалби оташин афғони беандоза буд боло,
Ба ҳам омехт ашку хуну ҷорӣ буд чун дарьё.



ეროვნული
ბიბლიოთეკა

Ба ҷони ӯ қасам, ки буд ақли ӯ ба дигар ҷой,
Ғулом амри малик бори дигар гуфт аз барои ӯ.
Вале хомуш нашуд аз гирьяву нашнид ӯ чизе,
Фурӯ баста лабон чун ғунча, накшодӣ ба гуфтугӯ.

Чу ӯ ҳарфе назад, навкар аз он ҷо бо шитоб омад,
Бигуфт бо Ростеван: «Напсандад ӯ асло шумоёнро,
Маро гаштанд чашмон хира, дил дар изтироб омад;
Натонистам ба ҳарф овварданаш, мондам зиёд он ҷо».

Малик ҳайрон шуду хашмин, дилаш з-ӯ дар ғазаб афтод,
Даҳу ду навкари истода наздаш, боз бифиристод,
«Силоҳи ҷанг гиреду биёред наздам он касро,
Ки биншаста дар он ҷо»,— подшоҳ ин гуна фармон дод.

Ғуломон рафта пеши ӯ, ҷарангоси салеҳ бархост,
Фақат он гаҳ ба худ омад, яли гирьяндаву маҳзун,
Ба атрофаш назар афганду дид ӯ лашкари афзун,
Бигуфто: «Вой бар ҳолам!» Дигар чизе нагуфт асло.

Ба чашмон бурд дасташ, пок кард ӯ ашки гарми хеш,
Таранг бинмуд бар худ шофу таркаш, дастҳо ёзонд,
Савори асп шуд,— чӣ ӯ ғуломонро намояд гӯш!—
Ба дигар сӯй рафт, ӯ дардашонро бемудово монд.

Сипоҳиён бикӯшиданд, к-афтад паҳлавон дар даст;
Вай он сон кард бо он оҷизон, душман намекард он:
Вай онҳоро бизад бар ҳамдигар, мекушт, зад бар хок,
Бизад баъзе ба қамчин, синаҳошонро намуда чок.

Малик шуд хашмгину пурғазаб, ронд аз пасаш лашкар,
Ба пас ӯ нангаридӣ, то намекарданд дарьёбаш;
Касоне, ки расидандӣ ба ӯ, мекушташон бемар;
Бизад одам бар одам. Ростеван гардид аз он маҳзун.

Нишаста шоҳу Автандил бар тавсан, паи таъқиб
Бирафт он паҳлавони бошукӯҳ бо қомати ҷунбон,—
Ба Рахш аспаш шабеҳу мисли хур дар арса дар ҷавлон;
Бидонист ӯ ки султон ҳам шуда дунболгири он.

Чу шуд наздик шаҳ, дониста аспашро бизад қамчин,
Ба як он гашт нопайдо, надидемаш дигар мо боз,
Ту гӯӣ дар сурӣ шуд ё намуда бар само парвоз.
Биҷустему нашуд пайдо нишони ҷои пои ӯ.

ეროვნული
ბიბლიოთეკა

Ҳамеҷустем бо ҳайрат нишони ӯ, нашуд пайдо,
Аҷаб мондем аз ин сон бенишон гум гаштани инсон;
Намуда мурдагонро навҳа, баста захм сарбозон.
Малик гуфто: «Аён аст ин, ба охир мерасад шодӣ».

Бигуфто: «Бар худо хуш н-омад ин айши дарози ман,
Аз ин рӯ шодиям дода ба ғам табдил медонам,
Тамоми умр ғамгинам намуд, накнад давоям кас,
Ҳамин бошад ризои ӯ, ба ӯ сад шукр мехонам».

Ҳаминро гуфту султон, бо дили ошуфта пас гардид;
Дигар берун намеомад, ғамаш болои ғам афзуд;
Ҳама рафтанд, ҳар кас, ки ба ӯ дар сайд ҳамраҳ буд;
Бигуфта баъзе: «Шаҳ ҳақ», баъзе гуфтанд: «Эй худовандо».

ეროვნული
ბიბლიოთეკა

Малик дилгиру ғамгин рафт андар хобгоҳи худ;
Ҷуз Автандил, ки буд ҳамчун писарш, н-омад касе бо ӯ.
Ҳама рафта, касе он ҷо нашуд дида зи наздикон,
Бишуд хомӯш оҳанги хуши танбӯру ною уд.

Тинатин шуд зи андӯҳи падар воқиф, давон омад.
Зи ҷо бархост он хуршедрӯ бар остон омад,
Талаб кард ҳоҷибу пурсид: «Ба хоб аст ӯ ва ё бедор?».
Ҷавобаш дод: «Афтода ба ғам, шуд заъфарон рухсор.

Нишаста пешаш Автандил фақат бар курсии заррин;
Малик як паҳлавоне дид з-он рӯ шуд чунин ғамгин».
Тинатин гуфт: «Ман рафтам, ба наздаш не дами рафтан,
Агар пурсад зи ман, баргӯ ҳамин дам будам инҷо ман».

ეროვნული
ბიბლიოთეკა

Гузашта вақту шаҳ гуфто: «Куҷо духтам, наботи ман,
Нишоту шодии ман, гавҳарам, оби ҳаёти ман?»
Ҷавобаш дод ҳоҷиб: «Омад ин ҷо ҳозир он маҳрӯ,
Чу ғамгиниатон донист, гашт аз роҳу пас рафт ӯ».

Малик фармуд: «Рав, даъват кунаш, бе вай ба ман
душвор!».
Бигӯяш: «Аз чӣ, эй ҷони падар, ту боз пас рафтӣ?
Биё бинмо ғамам нобуду захми дил мудово кун,
Сабаб гӯям туро, аз чӣ зи ман шодӣ шуда безор».

Тинатин боз омад, гӯш бар қавли падар дода,
Зиёи рӯи беҳамтои ӯ чун бадр тобон буд;
Падар биншонд ӯро, бӯса кардаш меҳрубонона,
Бигуфташ: «Аз чӣ бедаъват намеоӣ далерона?».

ეროვნული
ბიბლიოთეკა

Ба ӯ гуфт: «Эй малик, вақте, ки кас донад ту ғамгинӣ,
Чи сон ҷуръат кунад бар диданат, гарчи ҷасур аст ӯ?
Чунин андӯҳатон бар ҳам занад ҷирми самоиро!
Ба фикрам баҳри одам кор беҳтар аз ғаму андӯҳ».

Ба посух гуфт: «Эй фарзанд, чӣ бадбахтӣ, ки н-ояд пеш,
Ба ман дидан туро, ҳамрот будан дилхушӣ бошад,
Ғамамро ин парешон мекунад, чун дардро дору.
Чу донӣ аз чӣ ғамгинам, гуноҳамро бубахшӣ ту.

Бидидам паҳлавони ношиносе, буд аҷаб одам,
Ҷилояш кард равшан меҳр-осо ҷумлаи олам,
Надонистам чӣ ӯро ғам диҳад, аз кист дар афғон;
Наёмад диданам, ман аз ғазаб бо ӯ дарафтодам.

ეროვნული
ბიბლიოთეკა

Маро то дид, бар аспаш нишасту кард пок ашкаш,
Ба лашкар гуфтам ӯро рафта гиранд, ӯ ҳамаро кушт;
Чу шайтон ғайб шуд, одамсифат н-омад ба назди ман;
Надонам ӯ ҳақиқат буд, ё андар назар бигзашт!

Кунун ҳайрон аз онам, ин чӣ буд, ё ин чӣ сон дидан?
Бикушт ӯ лашкари ман, кард хун селобсон ҷорӣ.
Чи сон одам шуморӣ он, ки ин сон тез шуд пинҳон?
Яқин аст ин, худо айёми шодиро рабуд аз ман.

Ҳаёти хуш, ки аз лутфи худо буд, талх шуд охир,
Фаромуш гашт айёме, ки бо шодӣ ба сар бурдам,
Ҳама душвор бар ман, кас тасаллӣ надҳадам хотир,
Чи қадре, ки набинам умр чизе накнадам хуррам».

Тинатин гуфт: «Беақлона ҳарфи ман ҳамин бошад:
Чаро, эй подшаҳ! Дорӣ шикоят аз худо, аз бахт?
Чаро дар рӯзи бадбахтӣ худоро мекунӣ танқид?
Чи сон бад офарад он кас, ки некиофарин бошад!

Ман ин сон маслиҳат бидҳам: шумо, ки шоҳи шоҳонед,
Бувад сарҳаддатон бас дур, натвонад расад фармон.
Ҳама ҷо одамони худ ба ҷустуҷӯ фиристонед,
Хабар ёбед бо тезӣ, ки одам ӯст, ё шайтон».

Ба чор атрофи олам одамон даррав фиристоданд;
Бидоданд амр: «Ҷӯедаш, ҳазар аз сахтӣ нанмоед,
Кунед он паҳлавон пайдо, ба чизе вақтро надҳед,
Ба ҳар ҷое, ки натвон рафт, фармонҳо фиристонед».

Бирафтанд одамон, дар ҷустуҷӯ як сол гардиданд,
Ҳамеҷустанд он ялро зи ҳар гуна бипурсиданд,
Вале аз ҳеҷ кас аз будани ӯ ҳарф нашниданд,
Ҳалоку хаставу навмед гашта боз гардиданд.

Ғуломон бо малик гуфтанд: «Паймудем дуньёро,
Вале ноёфта он паҳлавон, ногашта з-ин хуррам,
Нашуд пайдо ягон одам, ки ҷое дида аст ӯро;
Натонистем мо хидмат, биҷӯ рои дигар ин дам».

Малик гуфто, ки «Ҳақ буд духтарам, фарзанди доноям:
Дурӯғе дида будастам ва ё шайтони расворо,
Ки афтод аз само чун душманам дар манзилу ҷоям,
Ҷудо гардам зи ғам, набвад дигар шоиста ғам моро».



ᲔᲠᲝᲕᲜᲣᲚᲘ ᲑᲘᲑᲚᲘᲝᲗᲔᲙᲐ

Ҳаминро гуфту базму хуррамиро кард ӯ бисьёр,
Зи ҳар ҷо карда даъват мутрибону дорбозонро,
Басе инъом дода ҷумларо хонданд бар дарбор.
Касонеро, ки бо ӯ дар саховат будаанд ҳамто!

ეროვნული ბიბლიოთეკა

ეროვნული ბიბლიოთეკა



## АВТАНДИЛРО БА ҶУСТУҶӮИ ПАҲЛАВОНИ ПӮСТИ ПАЛАНГПӮШ ФИРИСТОДАНИ ТИНАТИН

Либоси хонагӣ дар бар, хаёли айш андар сар,
Даруни хобгоҳи хеш Автандил масаррат дошт,
Ғуломи Тинатин-зангиписар овоз дод аз дар,
Ки: «Маҳрӯ, сарви дулҷӯе Шуморо дар ҳузураш хост».

Ба ёди ин хабар гӯё, ки Автандил навохон буд,
Зи ҷо бархост, рахшон пераҳанро зуд дарбар кард,
Дилаш лабрези шодӣ буд, андар сина рақсон буд,
Ки дар дил орзуи дидани танҳош мепарвард.

Қадам мезад баҳодурдил ба садҳо кибр Автандил,
Хаёлаш банди зебопайкаре, озодарафторе,
Вале бигрифтахотир менишаст он дилбари ҳушгил,
Агарчи рӯи ӯ буд беҳтар аз маҳ дар шаби торе!

Ниҳоли қоматаш пӯшида бо пероҳани дебо,
Дурахшон хосаи қиматбаҳое бар сари дӯшаш,
Сафи мижгон ба мисли найзаҳо бар синаҳо коро,
Баёзи гардан андар ҳотаи зулфи баногӯшаш,

Зи тахти чодари дилбар, ки ранги арғувонӣ дошт,
Нишастанро ба Автандил ишорат кард маҳпайкар,
Ғуломаш курсии тиллоие овардаву бигзошт,
Зи рӯи он назар мекард бо шодӣ ба он дилбар.

Парӣ гуфташ, ки: «Боке дорам андар гуфтани розе,
Ният кардам нагӯям, лек дилро сабри беше нест,
Магар донӣ, чаро ман кардаам ин ҷот овозе,
Чаро хотирпарешонам, сабабгори малолам чист?»

Бигуфто паҳлавон: «Ёрои бадгӯӣ надорам ман!
Агар маҳ рӯ ба рӯ бо шамс гардад, хира хоҳад шуд,
Намедонам, надорам қудрати фаҳмидани розе,
Шумо гӯед, бояд чун гиреҳи бандро бикшуд?

Ҷавобаш дод маҳпайкар ба лаъли шаккарафшоне;
«Аминам, дур аз рӯям ту ғамгин зиндагӣ дорӣ,
Ту ҳайрон мешавӣ ҳоло аз ин як рози пинҳоне...
Туро гӯям, ки он бо ман намояд хотирозорӣ.

Магар бо Ростеван вақти шикоратро ба ёд орӣ,
Ки диди паҳлавонеро, ки пинҳон ашк меборид...
Маро он манзара то ин замон ғамнок медорад.
Ҷаҳонгардӣ куну ёбаш, ба ту дорам ҳамин зорӣ.

Агарчи то кунун аз ин ғамам огаҳ накардам ман,
Вале меҳри туро аз дур медидам, ки рахшон аст.
Туро ман хуб медонам, ки доим ашк мебори
Ба ёди ман, ки меҳрам дар дилу ҷони ту пинҳон аст.

Ту аз ду ваҷҳ бояд, ки ба ман хидматрасон бошӣ,
Ту аввал: худ мутеи ман, ки монанди ту дигар нест.
Дуюм, маҳбуб ҳастӣ баҳри ман, маҳбуб хоҳӣ монд,
Бирав ҳоло биҷӯяш, дигарам як фикр дар сар нест.

Ба ин хидмат маро бо тори меҳри хеш хоҳӣ баст
Ва шодам мекунӣ гар девро мағлуби худ созӣ,
Шукуфонтар бикун боғи умедамро ба нерӯят,
Сипас, баргарду бо ман бош дар авҷи сарафрозӣ.

Бирав се сол ҷӯй онро, ки ту бояд варо ҷӯӣ,
Агар ёбӣ, барои хотири ман муждагонӣ деҳ
Ва-гар не, мекунам бовар, ки нақшаш нест дар олам,
Сипас ою маро, гулро ба имдодат ҷавонӣ деҳ.

Қасам, ки баъд аз ин ғайри ту дигарро намехоҳам.
Агар дар ғайри ту чашмам ба дигар мард бикшоям,
Худоё, рӯи ҷаннатро набинам, дӯзахӣ гардам
Ва тири ишқи ту афтонадам, дар гӯр фарсоям».

Бигуфто паҳлавон: «Хуршеди ман, оламданоҳи ман,
Чи мегуфтам ба ҷуз тоат ба амри рӯҳбахши ту,
Мани бар марг розиро каломи ту равон бахшид,
Ба хидмат чун ғуломат ҳозирам бо роҳи нақши ту».

Бигуфто паҳлавон аз нав: «Ту, эй хуршеди оламгир,
Ки андар осмони ҳусн монанди ту дигар нест,
Ман аз дарьёи лутфат баҳрабар гардидаам ҳоло,
Гули ман бехазон монад, ки ҷуз меҳри ту бар сар
нест»...

Зи нав гуфтанду бишниданд, паймони вафо бастанд,
Ғаму андӯҳи деринро ба мисли чӯб бишкастанд,
Бизавқиданд, хандиданд аз фарти вафои ҳам,
Дурахшиданд чун шамъи вафо аз нав барои ҳам.

Нишастанд аз бари ҳамдигарӣ сад бор хушдилтар,
Ба ҳам бастанд тори нурҳои чашми меҳрафшон,
Бигуфто паҳлавон: «он сери ҷони хеш оё кист,
Ки бо чашми талаб бинад туро бо қалби пурармон?!»

Ҷудой гарчи буд аз ҷонфишонӣ сахттар, аммо
Ҷудо шуд паҳлавон бо дидаи хунбор аз наздаш,
Ба ӯ аз ашк марҷон доду аз ӯ тори мӯ бигрифт.
Дилашро монду гӯё бурд андар ҷои он оташ.

Бигуфто худ ба худ: «Эй офтоби зиндагониям,
Рухи лаъли маро дурӣ зи ту чун каҳрабо созад,
Ба доми марг хоҳад бурд ҳаҷри ту маро дигар,
Ба роҳи ёр марги ман чу қонун иддао созад».



ეროვნული ბიბლიოთეკა

ეროვნული ბიბლიოთეკა

Ба кунҷе ашк мебориду аз боди ҷудоиҳо
Ба худ чун бед меларзид доим паҳлавони мо,
Пинак мерафту дар паҳлуи худ медид ёрашро.
Фиғон мекарду меафзуд ғамро бар сари ғамҳо.

Ҷудоӣ бо ҳабибаш ғуссаашро бештар бинмуд,
Ду чашмаш хунфишонӣ дошт бо ёди парипайкар,
Чу субҳ омад, бишуд омода он сон, ки барад дилро,
Ба аспи худ нишасту бар қабул биштофт чобуксар.

Фиристод ӯ ба қаср онро, ки доим буд дар хидмат,
Бигуфташ то расонад арз бар шоҳ аз сари ҳиммат: —
«Мусаххар мекунад акнун заминро паҳлавони ту,
Дами шамшери ту хасми туро бар ларза меорад».

Ман акнун меравам аз сарҳади бисьёр бигзашта,
Ҷаҳонро аз нигоҳи Тинатин огоҳ хоҳам кард,
Мутеъро шод, саркашро ба ашкаш ғарқ хоҳам сохт.
Зи нусрат тӯҳфаҳо ҳар гом дар ин роҳ хоҳам кард.

Бигуфто шоҳ: «Беҳад шоду миннатдор хоҳам буд.
Бирав, шерам, ки рӯ гардондан аз майдон на кори туст,
Саховатро ту бо ин маслиҳат исбот бинмудӣ,
Ҷудой дер пояд гар, кадомин маслиҳат некӯст?!».

Даромад паҳлавон таъзим дода, шодрӯ гашта,
Бигуфто: «Подшоҳо, аз суханҳои Шумо шодам.
Аз он ҷо, ки Шуморо аз сари нав дидаам дилшод,
Ҳамин шодӣ ба ин дидор хоҳад кард имдодам».

Канор оварда чун фарзанд, ӯро подшаҳ бӯсид,
Набудӣ байнашон фарқе чу «ин устоду ин шогирд».
Бадар шуд паҳлавон, вақти ҷудоӣ чеҳрае афрӯхт.
Ки Ростеван фиғон мекард дар қалбу ниҳон месӯхт.

Сафар мекард Автандил баҳодурдил, қавипайкар,
Ба роҳаш бист рӯзу шаб гузашту боз раҳ мерафт.
Хаёли Тинатин дар сар, ниҳоли қоматаш дар дил,
Рухашро паҳлавон бар сар бидида мисли маҳ, мерафт.

Чу шаҳ баргашт дар тахташ, хабар аз паҳлавон бишнид,
Ки ашрофон варо бо тӯҳфа истиқбол мегиранд,
Вале ӯ дар раҳаш як дам ҳаял нокарда раҳ мерафт,
Зи юмни мақдамаш мардум зи шодӣ бол мегиранд.

Ба шаҳри бастадевораш, ба мисли кӯҳ подораш,
Ки андар ҳотаи деворҳои дастнорас буд,
Фақат се рӯз истоду шикори оҳувон бинмуд.
Ба наздаш Шермадинро хонд, шогирди вафодораш!

Нигоҳи Шермандин нури вафо бар паҳлавон медод,
Чу бо ӯ тарбият дидасту бо ӯ сидқ пайвастаст,
Намедонист аммо Шермадин аз оташи ишқе,
Ки аз Автандили мо илтиҳобосо бурун меҷаст.

Бигуфтго паҳлавон: «Эй Шермадин, аз он хиҷил дорам,
Ки ту ҳамкори оянда ба ҳар як кору бори ман,
Надорӣ огаҳӣ аз ишқи ман, аз ашкбориям,
Надонӣ он париро, ки висолаш шуд шиори ман.



ეროვნული ბიბლიოთეკა

Маро бар ин сафар овард ишқи Тинатини ман,
Ду чашми наргиси бедори ӯ, гулзори руҳсораш,
Дари ин ганҷи пинҳонро ба ту накшода будам ман,
Қунун ҳарфи вафо гуфт ӯ, манам бо ҷон вафодораш.

Ба ман ӯ гуфт: «Аз он паҳлавонам муждае овар,
Чу баргардӣ, ба амри қалби ту рафтор хоҳам кард,
Ба ҷуз ту фикри марди дигаре дар ман надорад ҷой»...
Маро ин ҳарфҳояш марҳами ҷони ҷавон овард.

Мутеам ман, мутеонро итоат фарз мебошад,
Итоатпешагӣ орад ба шафқат подшоҳонро,
Ман андар оташи ишқаш бисӯзам, лек хокистар
Нахоҳад кард, бо як лутф бахшад ҳастии ҷонро.

ეროვნული ბიბლიოთეკა

Аз ин рӯ, чун ману ту насли як модар, падар ҳастем,
Ба наздат илтиҷо дорам ва бар ту боварӣ дорам —
Туро садри сипоҳон мекунам, имони пур дорам,
Ман инро ҷуз ту бар шахси дигар ҳаргиз набиспорам.

Бишав раҳбар сипоҳонро, ба хидмат ор аъёнро,
Фиристон сӯи дарбор одамонро, то хабар оранд...
Ба ҷоям нома бинвис, тӯҳфаҳо нав-нав бикун роҳӣ,
Ки манро ҳам ба ёд оранд, ҳам бо хеш бишморанд.

Чу ман дар корзорон, дар шикор оқил амал бинмо,
Маро се соли пур шав интизору сирри манро дор,
Аҷаб не, бо зафар бар назди сарви хеш баргардам
В-агар не, ёд овар аз ман, оҳе каш, сиришкат бор!

Сипас, ин шумхабарро бар ҳузури шоҳ хоҳӣ бурд
Ва хоҳӣ гуфт аз маргам, зи роҳи қаҳрамониҳо...
Чу одам нест ҷовидон, бигӯяш камбағалҳоро
Дари ганҷина во созад, намояд зарфишониҳо...

Сипас саъйе бикун, то хотирамро пос дорӣ дер,
Мабар аз ёд манро, ҳар замон биншину ёдам кун,
Дамодам ашкборӣ кун, ба танҳоет хорӣ каш,
Чу қалби модарон шав, дар канори хок шодам кун».

Каломи паҳлавон бар Шермадин онгуна коре кард,
Ки дасти сабрро аз даст доду ашкборӣ кард,
Бигуфто: «Бе ту дар олам маро не бахт, не шодист,
Вале донам саманди фатҳро хоҳӣ саворӣ кард.

Чаро гуфтӣ: Маро ин ҷо ба ҷои хеш мемонӣ,
Чи сон ҷои туро ман пур кунам, бо чашми хунборам,
Чи хуш мебуд агар бо ту равам, ҳар ҷо ки хоҳӣ рафт,
Ба ту ҳамроҳ хоҳам буд то ҷон дар бадан дорам».

Ҷавобаш дод Автандил, ки: «Бо ҳақ кордорам ман,
Каломам як,— худам танҳо бубояд фатҳ бинмоям,
Ман охир, ошиқам, ошиқ набояд аз сараш тарсад,
Ба танҳоӣ зи қалби кӯҳ бояд роҳ бикшоям.

Киро бовар кунам, ҷуз ту надорам бар касе бовар,
Ту бар тахтам сазоворӣ, сазоворӣ шавӣ сарвар.
Ба ҳар сӯ чашм шав, то нашканад хасми ту сарҳадро
Ва шояд боз баргардам ливои ғолибӣ бар сар.

Бало чун рӯ диҳад, бо худ барад якрову садро ҳам,
Аз ин рӯ мон, ки танҳо ҷангаму танҳо зафар созам,
Пас аз се сол агар н-оям, азо гиру ба мотам шин,
Ба ҷоям бошу ёдам кун, ба қалби хок бинвозам»...

ეროვნული ბიბლიოთეკა

ეროვნული ბიბლიოთეკა



## БА ҶУСТУҶУИ ПАҲЛАВОНИ ПӮСТИ ПАЛАНГПӮШ РАФТАНИ АВТАНДИЛ

Замину Осмон шоҳид ба ин аҳволу ин манзар,
Ки чун дилдодаи содиқ ба амри моҳрӯи хеш
Заминро ларза доду рафт Автандил ба матлабгоҳ,
Ки аз тарзи сафар чашми ҷаҳонро бурд сӯи хеш.

Ба шасти чэрхези асп, аспи бодпои хеш
Гузашт аз сарҳади хоки араб аз кӯҳу аз дарьё,
Фироқи ёри маҳрӯ сӯхт ними боғи умрашро...
«Агар дар паҳлуяш бошам, наёбад ашк чашмамро»...

Чу гулро парчаҳои барф пўшонанд дар сармо,
Умеди паҳлавон ҳам монд зери бори ҳиҷронаш.
Ба дил мегуфт: «Ҷўи ғам маро табдил ба дарьё шуд,
Кунун дурам ман аз шодӣ чу тор аз сози хушҳонаш...»

Гули уммеди Автандил, ки маҳрум гашт аз хуршед,
Фақат пажмурдатар мешуд, зи оби чашм тар метофт.
Ба мулки ғайр Автандил қарин мегашт бо ҳар кас,
Зи барқи муждае шомаш ба монанди саҳар метофт.

Ба роҳи ҷустуҷў аз оби чашмаш баҳр пайдо буд,
Замин бистар шуду болиш ду бозуи қавияш буд,
Ба дил мегуфт: «Эй моҳам, ман аз ту дур, дил бо туст,
Барои ту бимирам, шодмон аз хеш хоҳам шуд».

Заминро давр зад, ҷое намонд аз олами офоқ,
Ки Автандил варо нодида бошад дар сафар ҳоло,
Надид аз одамӣ шахсе, ки шахси ҷустуҷӯяшро
Дарак бидҳад...«Фақат се моҳ монд, афсӯсу вовайло!»

Ба ҷое бесамар афтод Автандил, ки дар он ҷо
Зи насли одамӣ не дид, не як нолае бишнид,
На Вис не Ромин афтоданд бар ин ғам, ки ӯ афтод,
Ба ёди нозанини хеш ғам мехӯрду менолид.

Барои истироҳат қуллаи кӯҳе маконаш шуд,
Ки з-онҷо ҳафтрӯза роҳи тайнокарда метобид,
Ба пои кӯҳ рӯди хурдаке чун тор созе дошт,
Ба ду соҳил қаду бар ҷангали анбӯҳ мехобид.

Ба тори кӯҳ омад завқ бигрифт аз тамошояш
Валекин рӯзҳои монда доим дар ҳисобаш буд,
Аз он, ки монда ду моҳи дигар дар ихтиёри ӯ,
На роҳат дошт рӯзу не ба вақти хоб хобаш буд.

Ба худ мегуфт: «Агар танҳо ба назди ёр баргардам,
Чи сон гуфтан тавонам ин ҳама беҳудагардиро,
Нишонаш он тараф, овозае аз ӯ набишнидам,
Агарчи дар сафар дидам басо гармиву сардиро...

Зиёд аз вақт агар ҷӯям, маґар ёбам нишонашро,
Ба вақти худ нагардам, Шермадин мотам бапо дорад,
Бубoрад ашк чун борону огаҳ шоҳро созад,
Ки бори интизориро ба дӯши хеш нагзорад.



ეროვნული ბიბლიოთეკა

Чи соне гуфта будам, ончунон рафтор хоҳад кард,
Ҳама хешу таборонро зи маргам бохабар карда,
Пас аз ин бо кадомин рӯй баргардам ба назди ӯ»...
Чунин мегуфту менолид бар хоро асар карда.

Ҳамегуфт: «Эй худо, бар ҳоли зорам аз чӣ раҳмат нест.
Чаро се сол умрамро чу нахли бесамар бурдӣ,
Ба ҷои дил даруни синаам андӯҳро монда,
Ба ман шоми ғам овардӣ паяш нури саҳар бурдӣ».

Зи нав мегуфт дар дил «собирон аз сабр меёбанд.
Намирам пеш аз маргам чи бояд кард, эй яздон,
Бурун аз амри ту, охир чи хоҳад кард ҳар инсон.
Маро беҳуда хунборанд ҳоло ҳар нафас чашмон.

Аз он сон зиндагӣ мурдан маро беҳтар ки баргардам
Ба наздаш бесамар, охир чӣ хоҳам гуфт бар рӯяш,
Агар аз паҳлавон пурсад, магар хомӯш истодан»...
Равон шуд лаб-лаби ҷангал ба ёд оварда абрӯяш.

Чу сӯзанкоб ҷустам сар ба сар паҳнои оламро,
Аз он сон паҳлавон не як нишоневу на овозе,
Ҳақанд онҳо, ки гуфтандам ки ӯ «рӯҳест бадкирдор»,
Худоё, боз кун бар рӯи ман, аз мағфират, розе».

Фуромад аз сари кӯҳу гузашт аз ҷангалу дарьё,
Самандаш ҳамчу аспи ҳарбиён бар ҷанг омода,
Вале беҳуда рафтанд он ҳама фахру тавони ӯ —
Булӯри оразу андар миён, бин, хатти озода.—

Намуд азме, ки баргардад, кашид оҳу фиғон аз дил,
Ба водӣ рӯй овард ӯ, саропо роҳро медид,
Яке маҳ шуд, ки дар роҳаш надида ҳеҷ инсоне
Ба ҷуз хели вуҳуш, ки паҳлавон онро наметарсонд.

Агарчи паҳлавон бо ғам шарик, бо нола ҳамдам буд,
Дилаш майли хуроки рӯҳбахши ҷисму ҷон мекард.
Бизад сайдеву дар як гӯша бо чақмоқ оташ дод,
Ба ҳар як луқма ёд аз чеҳраи он меҳрубон мекард.

Самандашро чаридан дод вақти гӯштбирьёнӣ,
Ба ногаҳ дид: сӯяш шаш савор аз дур меояд,
Ба дил гуфто: «Ба ҷуз раҳзан кӣ хоҳад буд дар ин ҷо,
Аз онҳо пурсише аз ҷустуҷӯи ман намебояд».

Ба истиқболи онҳо рафт Автандил далерона,
Ду марди ришдор ин лаҳза мебурданд навхатро,
Ҷавон маҷрӯҳ буд аз сар ва аз хунрафт беҳуш буд,
Фиғон бар он ҷавон мекард он ду мард дар саҳро.

Садо бинмуд Автандил: «Шумо кистед, эй ёрон».
Шунид: «Ором шав, моро зи ғам ҳоло раҳо бинмо.
Агар ин кор натвонӣ, ба моён ғамшарикӣ кун,
Бирез ашку ба худ мотам, фиғонро ошно бинмо».

Бишуд наздик Автандил, шунид ин қисса аз мардон,
Ки ашк аз чашмашон мерехт ҳамчун бориши борон!
«Ба паҳноӣ чи шаҳри Чин шаҳри босафое ҳаст,
Ки мулки мост, з-они се бародарҳои якпаймон.

Шунидем аз барои сайд кардан босафо ҷое,
Бирафтем он тараф бо лашкарони бешумори хеш,
Хуш омад сайдҷо морову як маҳ ист бинмудем,
Ғанимат буд моро аз шумори лашкарон ҳам беш.

Чу тирандозҳои ғайрро шарманда бинмудем,
Миёни мо, бародарҳо рақобат хест чун оташ,
«Ман аз ту нағзтар, не, ман зи ту» — гӯён миёни ҳам
Биҷангидем лафзан, лек дилҳо дошт азми хашм.

Дигарҳоро фиристодем бо хели ғаниматҳо
Ва худ мондему байни ҳам бубастем аҳду паймонро:
Ки ҳар кас дидагиашро занад бо тири худ бояд,
На ки он сайдро шахси дигар бар ӯй бинмояд...

Ба худ мо доштем аз аскарони хеш се танро,
Барои қушбардориву ҳам аслиҳабардорӣ,
Ба саҳрову ба ҷангалҳо садои тирҳои мо
Садо медод он сон, ки набитвон сайд бишморӣ.

Ба ногаҳ паҳлавоне бо рухи ношод пайдо гашт.
Нишаста бар саманди бодпои зоғранги хеш,
Саропо ғарқ андар пӯсти рахшонпаланге буд
Ва ҳуснаш нурпошӣ дошт аз хуршеди гардун беш.

Ба зӯр аз байни ҳусни чашмсӯзаш рӯи ӯ дидем,
Ба дил гуфтем: «хуршед аст, хуршеди заминӣ ӯст»,
Асираш хостем орем, бар ин саъй ҳам кардем
Ва ин дарьёи ашки мо ба ёди ӯ фақат як мӯст.

Диламро бурд ҳусни паҳлавону мот гардидам,
Ба мобайни̅ хуш омад он сияҳмушкин саманди ӯ,
Бигуфто додари хурди̅, ки бо ӯ зӯр месанҷад,
Вале он паҳлавон мерафт, дилҳо дар каманди ӯ.

Рухаш ранги булӯру лаълро аз худ аён месохт...
Умеди се бародарро ба бод афканд ҳамчун коҳ,
На як наззора бинмуду на ҳарфи эътиборе гуфт,
Ба зарби тозиёна пахш карду рафт андар роҳ...

Канор истода хурдиро ба пеш андохтем аз нав,
Ҷасоратро ба кор оварду «исто» гуфт бо шиддат,
Вале он паҳлавон шамшерро бар даст нагрифта,
Варо шайноби хун бинмуд бо қамчин ба як зарбат.



ეროვნული ბიბლიოთეკა

Ба зарбе гашт пора каллааш, мағзаш парешон шуд,
Танаш чун ҷисми беҷон шуд, ба рӯи хок яксон шуд,
Ҳама мондем ҳайрон, беҷасорат, пайкари беҷон,
Вале ӯ бо салобат азм андар роҳи худ бинмуд.

Назар бар пас накарду рафт орому шукӯҳангез,
Ана, наззора кун, чун офтоб аз дур метобад...»
Ба Автандил ишорат шуд, ҳамон сӯе ки ӯ мерафт
Ва дид аспи сияҳ, бар он ҳамон пурзӯр метобад.

Ниҳоли орзу хандид дар чашмони Автандил,
Худашро дар сафар дид аввалин бор ончунон муқбил,
Ки дар дил гуфт: «оре, бесамар дуньё нагардидам,
Кунун хуршеди бахтамро аён болои сар дидам».

Бигуфто: «Эй бародарҳо, ба роҳи ӯ бишуд умрам,
Барои ӯ гузаштам аз Ватан, ҳешу табори хеш,
Шумо будед, к-ӯро ҷилвагар дидам дар ин саҳро,
Худо ёри шумо, дигар нарезед ашк андар пеш.

Чи хушбахтам, муроди хешро дарьёфтам имрӯз,
Илоҳо, додари хурди Шумо ёбад давояшро!..»
Панаҳгоҳи худашро дод бар онҳо нишону гуфт:
«Равед, ором дам гиред андар сояи он ҷо».

Бигуфту рафт, аспашро зада маҳмез ҳамвора
Ба мисли бод мепаррид он сӯ карда наззора,
Ба дил худро чу маҳ медид пеши офтоби ӯ,
Ғами ӯро ба дил ҷо карда, думболаш шуд овора.

Бишуд наздику андешид дар дил вохӯрияшро,
«Каломи бад зи худ бегонагонро дуртар созад,
Ба қалби оқилон раҳ ёфтан ҳам кори осон нест,
Суханҳои қабеҳ бори хирадро дур андозад...

Чу ӯ бехуд ва бепарвост андар зиндагонияш,
Маро шояд намонад назди худ, то оразаш бинам,
Шавам наздик агар «ё ӯ бимонад, бегумон, ё ман...
Ҳамин беҳтар, ки андар кунҷе аз ӯ руст биншинам»...

Ба дил болид Автандил, ки «ранҷам ганҷ дод охир,
Муяссар мешавад, бинам раҳи кошонааш ҳозир...
Ба асбобе, ки ӯ садди раҳашро дур месозад,
Варо мағлуб бояд кард, дигар нестам тадбир...»

Ду шаб, ду рӯз афтоданд пушти ҳамдигар онҳо
Даме ноҳуфта, нохӯрда, даме ором наншаста,
Ба ҳам не чашм бикшоданд, не як ҷой истоданд,
Равон буданд, дашту водиро бо ашки худ шуста...

Бирафтанду бирафтанду шабе харсангҳои зӯр
Дурахшон гашт бо ғоре, ки рӯде аз тагаш мерафт,
Бурун аз ақл нақши соҳили аз буттазор обод,
Дарахтони баландаш буд сар дар осмони ҳафт.

Гузашт он паҳлавон аз рӯду аз харсанг сӯи ғор...
Фуромад дар хами аъзамдарахт аз асп Автандил,
Баромад бар дарахту кард аз он ҷой наззора,
Ки ӯ раҳ меравад бо ашки резон ҷониби манзил.

Гузашт аз ҷангалу назди даромадгоҳи ғор омад,
Баромад духтаре, ки дошт бар дӯшаш сияҳпӯше,
Фиғон бардошт он маҳрӯ, зи оби чашм баҳре сохт,
Биҷаст аз асп гурду кард бо духтар ҳамоғӯшӣ.

Бигуфто паҳлавон: «Эй хоҳарам Асмат, қазоро бин,
Ки чандин вақт рафту хости дилҳо нашуд пайдо.
Бигуфт инрову зад бар сина, хун аз дидагон борид,
Варо оғӯш кард он духтару бистурд ашкашро.

Зи мӯи кандаи онҳо бишуд анбӯҳтар ҷангал,
Канори ҳамдигар ҳар як фиғону карбало мекард.
Бидод акси садо харсанг, ҷангал аз фиғон пур шуд...
Тааҷҷуб карда Автандил ба он манзар ниго мекард.

Нафасро рост кард он нозанин, бар дард тоб овард,
Гирифт афзоли аспу кард рӯяшро ба сӯи ғор,
Кашид аз паҳлавон ҳам ӯ либоси ҷангпӯширо,
Дигар он рӯз берун н-омаданд он ду дили афгор...

ეროვნული ბიბლიოთეკა



## СӮҲБАТ ОРОСТАНИ АВТАНДИЛ БО АСМАТ АНДАРУНИ ҒОР

Фаромад аз дарахту баркушода банди тавсанро,
Савораш гашту шуд сӯи даҳони ғор раҳпаймо.
Аз он ҷо дилбаре гирьёну нолон дав-давон омад,
Ба дил мегуфт, он табанда хуршеди ҷаҳон омад.

Чу омад рӯ ба рӯ — ин мардро бегонае дарьёфт.
Рух аз ӯ тофту афғонкунон бар манзилаш биштофт.
Ба фарьёду фиғонаш ҷӯр шуд акси садои ғор,
Ки Автандил варо дар чанг зад чун кабкаке ночор.

Вале духтар намедодаш тану аз ӯ ба нафрат буд,
Чу кабки хӯрда дар чанги уқобе дил ба даҳшат буд.
Тариэлро ба имдодаш расидан орзу мекард,
Ки Автандил бисуда рӯ ба хокаш, гуфтугӯ мекард.

Ба ӯ мегуфт: «Сокит шав, ман инсонам, зи Ҳаввоям!
Ки худ ҷӯёи он марди парешонрӯзгор оям.
Ба ман аз қиссаҳояш ҳиссае бархон, аё дилбар,
Намехоҳам бадӣ кардан, машав тарсон, аё дилбар».

Сухан оғоз кард он духтарак бо оҳу раҳмомез,
«Ней девона гар, сар деҳ маро вар-на машав хунрез!
Туро осон бувад пурсидани ин қиссаи душвор.
Макун беҳуда зӯрӣ, мушкил аст аз баҳри ман ин кор».

Зи нав такрор кардаш: — «Паҳлавоно, гӯ, чӣ мехоҳӣ?
Ба сад девон нағунҷад қиссаи ӯ, ту чӣ мехоҳӣ?
Агар як бор «хон» гӯӣ, дусад борат «на» мегӯям.
Маро аз ханда гирьёнӣ хуш аст, оҳу фиғонҷӯям».

«Санам, воқиф найӣ, ман аз куҷоям, дарду ранҷам чист:
Ҷаҳонро гашта ҷустам, аз Тариэл як нишон ҳам нест,
Туро дарьёфтам! Гар ранҷаӣ аз гуфтаҳои ман,
Маранҷ, эй нозанин, баргӯ каломе хуш барои ман!»

Бидодаш духтарак посух: «Чаро исрор меварзӣ?
Ба сар он Офтобам нест, ранҷонӣ, наметарсӣ!
Сухан кӯтоҳ беҳтар, ин сухан биньюшу рав роҳат;
Нагӯям зррае бо ту, бикун, ҳар чи дилат хоҳад!»



ეროვნული ბიბლიოთეკა

Ба зону андар омад, пойбӯсӣ кардаш Автандил,
Вале сад илтиҷою зориаш нанмуд асар дар дил.
Сипас, дарқаҳр шуд аз қаҳру истиғнои он духтар,
Ду чашмаш хун гирифту ранги рӯяш гашт чун заъфар.

Биҷасту ҷанг зад, афганду ханҷар дар гулӯяш монд.
«Чаро зорӣ кунам, хорӣ диҳӣ бар ман»,— сухан меронд,
«Магар мушкил будат гуфтан зи ҷон додан ба ин озор.
Туро он сон кушам, ки душманамро дашнаи Ҷаббор!»

Ҷавобаш дод духтар: «Ин хатокорӣ чӣ пеш орӣ.
Агар ҷонам набистонӣ, маро худ зинда медорӣ.
Забон баҳри чи бикшоям, чу таҳдидам наёрад марг,
Агар куштӣ маро, нақле кӣ бо ту мекунад як барг».

Бигуфташ: «Паҳлавоно, аз чӣ аҳволам напурсидӣ?
Ки ман то зиндаам ҳарфе нахоҳам гуфт, бишнидӣ!
Маро охир кушӣ маҷбур аз рӯи ризои ман,
Кунӣ сад пора ҷисмамро, чу хатти нохуши душман.

Мабар асло гумон, к-аз марг метарсам дар ин майдон,
Маро вораста аз ғам мекунӣ, ашкам шавад поён,
Ҳама олам ба чашмам бештар аз парри коҳе нест.
Туро нашносаму сирр доданам аз некроҳӣ нест!»

Ҷавон бо хеш андешид: «Ман ҳаргиз ба ин тадбир
Аз ӯ розе намегирам, дигар ҷӯям, яқин, тадбир».
Варо аз чанг ворасту нишаст андар канори ғам,
Бигуфто сӯи духтар: «Ман туро ранҷонда, пурранҷам».

Нишаста духтарак андӯҳгину изтироболуд,
Ки Автандил бирезад ашку ғарқа дар хаёли худ.
Гулистони руҳаш помоли селоби сиришкаш гашт,
Ба ногаҳ духтарак афғон кашиду дил пуроташ гашт.

Дилаш бар паҳлавон месӯхт, ашкаш шашқаторон буд.
Ки чун бегонае биншаставу лаб зери дандон буд.
Ҷавони паҳлавон фаҳмид, к-аз ӯ дарғазаб гаштаст,
Зи ҷо бархост гирьёну ба пеши пои ӯ шуд паст.

Ба ӯ гуфто, ки: «Мефаҳмам, нахоҳӣ хоҳарам будан,
Туро ранҷондаам, баргаштабахти бадзабонам ман.
Ба ту сад илтиҷо дорам, бубахшой гуноҳамро,
Гузаштан аз гунаҳ то ҳафт боре ҳаст расми мо.

ეროვნული
ბიბლიოთეკა

Агар густохие кардам, ба табъи ту нафоридам,
Ки ман маҷнунаму бар ҳоли зорам шафқат оредам;
Дигар аз кас умедам нею аз ҷое паноҳам нест,
Дилу ҷонам ба қурбонат, ба ҷуз ин молу ҷоҳам нест!»

Чу духтарро ба гӯш омад каломи дилхурӯши ишқ,
Бизад фавворае садчанд аз чашмонш ҷӯши ишқ,
Фиғонаш бар фалак печиду оҳаш чун туман бархост,
Худо аз баҳри Автандил ато кард, он чи дил дархост.

Ба худ гуфто: «Зи ҳарфи ишқ ранги оразаш бишкуфт.
Аҷаб не, баҳри ёре ашк мерезад, зи мо бинҳуфт».
Зи нав гуфташ: «Аё хоҳар, ба ошиқ душманон ҳам
нарм,
Зи мурдан нест дар ваҳму бихоҳад маргро дилгарм.

Ман он маҷнунаму овораи саҳрою кӯи ғам:
Фиристодаст султонам, ки хуршеди туро ёбам.
Ман ӯро ҷустаам дар қуллае, к-аш абр воқиф нест;
Дар ин ҷо ду диле дарьёфтам, ки шахсе ориф нест.

Бувад симои ӯ андар замирам собиту равшан,
Барои ӯ мани девона дур аз ёру аз меҳан.
Яке рав з-ин ду раҳ: гардон ғуломам ё ки озодам,
Ҳаётам бахш ё мекуш, зимоми дил туро додам».

Сухан сар кард духтар бо забони лутфу некӯӣ:
«Гирифтӣ оқибат роҳи накӯӣ, роҳи дилҷӯӣ.
Ки пеш аз ин маро дар сина тухми душманӣ киштӣ,
Кунун з-онам нишоне нест, ҷонӣ додаре гаштӣ.

Чу ҳарфи ишқ бикшодӣ ба тадбири хирадмандӣ,
Саре дар бандагӣ орам туро бо меҳру хурсандӣ.
Туро босидқ хоҳам шуд, набигзорам ба озорат,
Фидоят мекунам ҷонро, шавам доим вафодорат!

Қаноат кун ба ҳарфи ман, итоат кун ба амри ман.
Ту меёбӣ, ту мебинӣ, нахоҳад шуд туро душман.
Агар берун равӣ аз гуфтаам, ӯро намеёбӣ,
Зи ҷонат сер мегардӣ, ба ҳасрат мурда мехобӣ».

Ҷавон андеша кард: «Омад ба ёдам як масал алъон:
Ду марде ҳамсафар буданд як рӯзе ба даштистон,
Ақибрав мард дидӣ пешрав омад ба чоҳ андар,
Сари чаҳ омаду фарьёд зад бо сӯзу раҳмовар.

Бигуфто ин сухан: «Ёро, биисто, интизорам бош.
Равам, то ман расан орам, дар ин ҷо чашмдорам бош».
Ҳамон марди чаҳ аз дил ханда карду ин нидо бардошт:
«Куҷо ҳам меравам з-ин чаҳ, илоҷам тоқату бардошт?»

«Азизам, хоҳарам, нӯги расан, к-аз гарданам, дар туст,
Чи кор ояд зи дастам, карданам, нокарданам дар туст.
Ту донӣ марҳами ин ҷисми беморам, табибам ту,
Сари солим кӣ мебандад, ту ғамхорам, ҳабибам ту?!»

Ҷавобаш дод духтар: «Хушзабонӣ, кони маъной,
Ту, алҳақ, паҳлавони номдорӣ, ҳамтани мой.
Чи сон овардаӣ тоқат ба тӯфони машаққатҳо,
Агар ҳарфам писандидӣ, бигардад матлабат пайдо.

Ту аз он номвар асло намеёбӣ нишоне ҳам.
Бигӯяд саргузашташро, ту бовар мекунӣ он дам!
Агар як рӯзу сад рӯзест, ин ҷо чашмдорӣ кун:
Хазон манмо гули рӯят, макун ҷону ҷигарро хун.

Агар ному нишони мо биҷӯӣ метавон гуфтан:
Тариэл — номи он номовари маҷнуни шерафган.
Бувад исми мани хунинҷигар Асмат, агар донӣ,
Шабу рӯзам чу зулфам тору корам оҳу афғоне.

Шарики ғуссаи ӯям, дигар бо ту чи ҳам гӯям:
Ба саҳро мехиромад сарви дилҷӯи суманрӯям,
Мани ғамкуштаро ақвот бошад сайди ӯ ҳар гоҳ,
Надонам кай биёяд ӯ: саҳаргоҳон ва ё бегоҳ.

Зи ту як мултамас дорам, ки ин ҷо бош, то ояд,
Ба пеши ӯ кунам зорӣ, бихандад толеат шояд.
Туро бо ӯ шиносо мекунам, то дӯстат дорад.
Бароят нақли ӯ, пеши нигорат, бахт меорад».

Ҷавони шерпайкар бар ризояш сар фуруд овард.
Зи сӯе шиҳаи аспе ба гӯш омад, дуруд овард.
Зи мавҷи кӯл як моҳе дурахшон шуд, Тариэл буд,
Ду тан — Автандилу Асмат қафо гаштанд он гаҳ зуд.

Бигуфто: «Эй диловар, бахти ту тобанда меояд,
Туро пинҳоншавӣ дар синаи ин ғор мебояд.
Ки аз чангаш амон ноёфта то ин замон ҷоне,
Чунон коре намоям, то намонад дар дил армоне».

Ба зудӣ Асмат ӯро андаруни ғор пинҳон сохт.
Ҷавонмард аз шукӯҳу савлаташ дар ғор нур андохт.
Нишаста ҳар ду сели ашк резонданд бо андӯҳ,
Нигаҳ мекард Автандил ба эшон бо дили маҷрӯҳ.

Зи оби дида рухсору бару домон-ҳама тар шуд,
Дили он паҳлавону нозанин аз гирья абтар шуд,
Кашид афзоли ҷангӣ аз тани он пилтан духтар,
Хамӯш монданд, шабнам дар гули рухсор шуд камтар.

Нишасту хезашон равшан буд ӯро ҳамчу оина.
Бигустурд он гаҳе духтар яке рахти палангина.
Дар он ҷо паҳлавон биншаста ғамҳояш сабук мекард.
Тани сӯзони ӯро бодаки форам хунук мекард.

Санам афрӯхт андак оташе дар гӯшаи маъво:
Барои паҳлавонаш то пазад як рони оҳуро.
Дили ноходам ӯ як пораеро бар даҳон андохт.
Набудаш иштиҳо, бигрифтаву сӯе карон андохт.

Каме як паҳлу зад, биғнуд як чанде ба оромиш:
Гаҳе ларзидаву фарьёд зад, барҷаст, чун оташ,
Ҳамезад наъраву дар синаву сар мушт меборид,
Санам дар назди ӯ бо даҳшату андӯҳ менолид.

Бипурсидаш: «Чаро баргаштӣ аз роҳат, чиат рӯ дод?»
Ҷавобаш дод: «Вохӯрдам яке шоҳи ситамбуньёд,
Паи нахҷир бо лашкар ба ҳар сӯ новакандозе,
Дар он гармои ҷонсӯзе ҳаросон дар таку тозе.

Ман аз ин манзара дар даҳшат афтодам, дилам месӯхт
Ба ҳоли лашкариҳою ба ҳоли хеш ҳам месӯхт:
Қафо гаштам ба ночорию дар ҷангал шудам пинҳон,
Бигуфта худ ба худ: «Вақти саҳар з-ин ҷо равам осон».

Равон шуд ашк аз чашмони духтар сад карат афзун,
Бигуфто: «То ба кай бо ваҳшиёнӣ ҳамситезу хун?
Касе бо худ намеёбӣ ба дилдорию ғамхорӣ,
На рӯзат беҳ бигардад, на диҳӣ бо ёрӣ худ ёрӣ!

Ту дидӣ рӯи одамро, ту гаштӣ рӯи оламро,
Чаро баҳрат намеёбӣ тасаллобахш одамро?
Ки бо ту ҳамсафар бошад, ба бадбахтӣ ба бар бошад;
Ба ҳаҷри ёр мемирию ёрат бехабар бошад!..»

Ҷавобаш дод: «Эй хоҳар, каломат чун дилат пок аст,
Хаёлам, ки ба дарди ман даво набвад, дилам чок аст?
Кӣ битвонад, биёбад дар ҷаҳон ноомада ёре?
Бароям марг иқболаст, ман инро сазоворе.

Чу ман бадбахт аз модар назода кас дар ин олам,
Магар ман одамибезору ваҳшисирате ҳастам!
Кадом он дӯст бошад дар ғаму кулфат шарики ман?
Ба ҷуз рӯи ту, эй хоҳар, насозад кас дилам равшан».

Ҷасорат кард духтар: «Тарсам аз теғи шарарборат,
Туӣ шоҳам, вазират ҳастаму аз ҷон ҳаводорат,
Бибояд бо ту розе фош гӯям, муддао пайдост,
Ки айни розгӯӣ омаду таъхири мо беҷост».

Бигуфто паҳлавон: «Чизе намефаҳмам, чиҳо гӯӣ!
Чи гуна бе худо кас офарад он шахси дилҷӯе?!
Чи қадре бахтро ҷустам, худо бадбахт гардонид!
Кашидам ранҷи танҳоӣ ҳамеша музтару навмед».

Баҷуръат гуфт духтар: «Мешавӣ ҳайрон зи гуфторам!
Туро ҷӯянда марде ҳаст, наздики ту меорам.
Ки бо ӯ ошно гардӣ, ба дил ёбӣ тасаллое,
Қасам хӯр, ки нахоҳӣ кушташ аз тундию савдое».

Ҷавобаш дод: «Пайдо кун, бубинам рӯи некӯяш.
Қасам бо ишқи маҳрӯям, ки ман овораи кӯяш!
Бигирам хори пояшро ба нӯги мижжа беозор,
Ба ҷону дил бикӯшам, то шавад шодону миннатдор».

ეროვნული
ბიბლიოთეკა



## МУЛОҚОТИ ТАРИЭЛ БО АВТАНДИЛ

Зи ҷо бархост духтар, дар бари он паҳлавонаш рафт,
Баросуда дили ӯро — «Туро хашме нагирад»,— гуфт.
Гирифт аз дасти он моҳи тамому кард пешандоз,
Тариэл дид рӯ-хуршеду қомат-сарви сарафроз.

Ду марди паҳлавон якҷоя чун тобанда хуршеде
Ва ё чун моҳи тобони шаби фархундаи иде.
Қади мавзунашон ҳуштар буд аз сарву санавбарҳо;
Диҳам ташбеҳ онҳоро ҷуз ин бо ҳафт ахтарҳо!

ეროვნული
ბიბლიოთეკა

Ба меҳре бӯсаҳо карданд, чун ёрони дерина,
Миёни ғунча тобон шуд дури дандон чу оина.
Ниҳода сар ба дӯши ҳам, басо пурсӯз бигристанд,
Рухи чун лаъл рахшонро ба ашки талх мешустанд.

Тариэл дасти Автандил гирифту ҳар ду биншастанд,
Ту гӯӣ, ҳамдигарро солҳои сол меҷустанд.
Нишаста Асмат, онҳоро тасалло медиҳад бо лутф:
«Кушоед офтоби рӯятонро то абад бо лутф».

Дигар ранге гирифтӣ рӯи ғамноки Тариэл ҳам,
Ҳамегуфт ӯ ба Автандил: «Шунидан қиссаат хоҳам,
Бигӯ, ту аз кадомин кишварӣ, баҳри чӣ мепӯӣ?
Фаромӯшам намуда марг ҳам, дигар чӣ мегӯӣ».

Ки Автандил ба нутқи бофасоҳат қиссае пардохт:
«Аё шеро, паланго, илтифотат шодкомам сохт.
Ман аз мулки Араб оям, дар он ҷо ҳаймаам барпост,
Ба ҳаҷри ёр месӯзам, дилам дар оташи савдост.

Манастам ошиқи духти шаҳаншоҳи диёри хеш,
Бузургон интихобаш карда ҳоло шаҳриёри хеш.
Ту нашносияму лекин туро дар ёд дорам нағз:
Ту дар ҷанги араб яксар даровардӣ зи ҳар сар мағз!

Туи овораро дар дашт дидему барат рафтем,
Шаҳи мо ҳашм оварду ба таъқиби сарат рафтем.
Туро фарьёд кардему набишнидӣ, ғазаб кардӣ,
Зи ҳар як лашкарӣ ҷони ҷавонашро талаб кардӣ.

На бо шамшер, бо қамчин сар аз танҳо ҷудо кардӣ,
Ба майдон шаҳ даромад, хешро ғоиб зи мо кардӣ.
Чу ҷодугар ниҳон гаштӣ, ҳама дар даҳшат афтодем,
Ғазаб кардему охир сар ба сар дар ҳайрат афтодем.

Зи раъи худ намегашт он шаҳи бадтинати якрав,
Ба ҳар мулк амрҳо бифрист, то ёбандат, ӯ нав-нав;
Туро пайдо накардӣ пиру барное дар он ақсо:
Маро он ёри шаҳрошӯб кард овораи дунъё.

Чунин фармуд: «Пайдо кун нишоне з-он қавипайкар,
Пас аз он мекунам ҳосил муроду матлабат яксар».
Гузашт аз байн се соле, ки дар ранҷу фироқаш ман,
Чи гуна мондаам зинда ба сӯзи иштиёқаш ман?!



ეროვნული ბიბლიოთეკა

ეროვნული
ბიბლიოთეკა

Ҳанӯзам кас намедонад сари мӯе хабар аз ту:
Бидидам раҳзане, ки қасд карду барҳазар аз ту:
Ба як қамчин варо аз по нишондӣ, нимҷон кардӣ:
Бароям додаронаш роҳи душворат аён кардӣ».

Тариэл ёд овард он задухӯрду ҳамон куштор,
Бигуфто: «Хотирам омад, шуд арчи муддате бисьёр,
Турову подшоҳатро бидидам андар он майдон.
Гиристам он замон оварда бар хотир рухи ҷонон.

Чи савдою чи нисбат буд пайдо дар миён моро?
Шумо хуррамдилу озод, ман гирьёну ғампарво.
Шумо фавҷи саворон аз паям андохта чолок,
Вале ман яксара он фавҷ беҷон сохта бебок.

Чу дидам шоҳ сӯям сахт меояд ба қаҳру кин,
Тараҳҳум карда бар ҷонаш, самандамро задам қамчин.
Кашидам даст аз қасдаш, шудам ғоиб дар он пайкор,
Бидонӣ, бодпои ман чӣ сон зӯру сабукрафтор.

Ба як мижгон задан мебиспарам сад фарсахи роҳе,
Куҷо ин суръату он ҳамлаи ногоҳи бадхоҳе!
Маро қасде набуд бо дастаи duздони ғоратгар,
Зафар бар ман накарданду шуданд аз ҳарби ман бе сар.

Ту аз бас омадӣ бо нияти неке, дилам болид,
Ба шавкат паҳлавонмардӣ, ба қомат сарву рӯ-хуршед.
Басе ранҷу алам дидӣ, нарафт ин меҳнатат барбод,
Чу ман танҳоюу кулфаткаш наёбад гунбази бедод!»

ეროვნული ბიბლიოთეკა

Ба ӯ мегуфт Автандил: «Туӣ шоистаи авсоф!
Мани нокардакореро чи таҳсин мекунӣ, инсоф?!
Ту ҳастӣ офтоби шӯълабори авҷи гардунҳо,
Нагаштӣ нотавон, резонда аз чашмат басо хунҳо!

Гузар кардам ман имрӯз аз висоли он ҷафопеша,
Нахоҳам хидматаш кардан, наорам ёду андеша.
Ақиқ аз зарҳалам беҳтар, агарчи зарҳале хуш буд,
Шавам дар хидматат умре, шумор аз бандаҳои худ».

Тариэл дар сухан омад: «Кунун фаҳмидам ихлосат,
Ба ҳайрат мондам аз мардонагию авҷи эҳсосат!
Вале расмест: маҷнун дар ғами маҷнун бувад ҳамдард,
Гар аз ёрат ҷудо созам, мукофотат чӣ аст, эй мард?!

Ба амри шаҳриёр афтодӣ андар ҷустуҷӯи ман,
Мададгорат худо шуд, омадӣ бо саъй сӯи ман.
Чи сон бо ту бигӯям шарҳи ҳоли бесару пой?!
Чу гӯям, сӯзаму хокистаре гардам зи шайдой».

Бигуфт Асмат Тариэлро: «Чи суд аз ашкҳо, эй шер!
Намесозам туро маҷбур, лекин эътиборе гир,
Ки ин маҷнуни овора бароят бигзарад аз ҷон.
Бигӯ ту саргузашти ҷонгудози хештан бо он.

Зи ман хоҳиш намуд ӯ, шаммае шарҳи ғамат гӯям;
Нагуфтам. Лутф кун аз баҳри ӯ, шери ҷаҳонҷӯям.
Агар аз қиссаат огаҳ шавад, шояд бувад некӯ,
Худо тавфиқ диҳад бо ту, ту донию бидонад ӯ».

Тариэл бо дили ошуфта биншаста ҳамӯш ин дам,
Бигуфто сӯи Асмат: «Аз ҳамон рӯзе туӣ ҳамдам,
Накӯ донӣ, ки дарди ман надорад ҳеҷ дармоне.
Ки бо ин хоҳише ту боз ҷонамро бисӯзонӣ.

Ҳар он чи нест дар дуньё, чи сонаш мекунӣ пайдо!
Ман аз иқбол маҳрумам, ба қулфат мубтало, эй во!
Зи ҳар сӯ дар раҳам садде, ба ҳар ҷо дар паям банде,
Насибам бенасибиҳо, набинам рӯзи хурсандӣ:

Худои меҳрубон имрӯз дар симои хуршеде
Ато кард аз барои ман ду лутферо ба сайидӣ:
Нахуст ин, ки ба саъйи ман ду дил пайваста мегардад,
Дуюм, бо ин шарофат дил зи ғам вораста мегардад!»

ეროვნული ბიბლიოთეკა

Сипас гуфто: «Ду кас гар додаре ё хоҳаре гарданд,
Ба ҳаққи дӯстӣ бояд ба роҳи меҳтарӣ гарданд.
Худо ҷони якеро гар нагирад, бар дигар ҷон ку?!
Ту бишнав саргузаштам, ҳарчи бод, эй ахтари некӯ».

Ба Асмат гуфт: «Рав, обе биёру шин ба паҳлӯям,
Агар беҳуш гардам, пош гаҳ-гаҳ бар сару рӯям.
Агар мирам, бишав гирьёну берун аз дил оҳе кун,
Сипас бинмой дар гаҳвораи хокам ҳаме мадфун».

Сипас бикшода дарҳоро, кушода синаи худро,
Даме хомӯш шуд, монда ба абри ғусса нопайдо.
Ду рух берангу лаб баста, сари ӯ гирд-гирдон гашт,
Кашид оҳеву зад фарьёд, ашки талх борон гашт.

Бигуфто: «Эй парирӯи зи дастам растаи шево,
Ту будӣ бахту уммедам, ба қурбонат дилу ҷонҳо.
Кӣ зад теша туро бар реша, эй тӯбои фирдавсӣ,
Чи сон ҳам зиндаам дар фурқатат маҳзуну маъюсе?»

ეროვნული
ბიბლიოთეკა



## САРГУЗАШТИ ТАРИЭЛ, КИ АВВАЛИН БОР БА АВТАНДИЛ ҲИКОЯ КАРД

«Ба диққат гӯш деҳ, то бишнавӣ ин саргузашт аз ман,
Чунин гуфтору кирдоре, ки шарҳаш бо забон душвор.
Намехоҳам ман асло раҳм аз он дилбар, ки ҳушам бурд,
Аз он дилбар, ки бо савдои ӯ хун рехтам бисьёр.

Ту огоҳӣ зи васфи ҳафттан шоҳони Ҳиндустон,
Ба дасти Фарсадан буданд тоҷу тахти шаш кишвар,
Шаҳаншоҳи кабире буд ӯ бо ҳиммати чун шер,
Руҳаш хуршеду худ дар ҷангҳо лашкаркаши сафдар.

Маро буди падар номаш Саридан — шохи ҳафтӯм тахт,
Ки ӯ ҳар душманашро бе амон бар хок ҷо мекард,
На пинҳон, на ҳувайдо ҳеҷ кас зиддаш намеҷунбид,
Ғаме нохӯрда ӯ сайёдию кайфу сафо мекард.

Набуд тобаш ба танҳоӣ, зи ғамхорӣ дилаш пур буд,
Ба худ гуфто ки: «Рондам душманонамро — зафар кардам,
Заминхошонситондам, ҳукмрони мӯҳташам гаштам,
Равам акнун ба назди Фарсадан, таслими ӯ гардам».

Муқаррар кард бифристад ба назди Фарсадан элчӣ.
Ба ӯ дод ин хабар: «Эй ҳукмрони ҷумла Ҳиндустон,
Умеду хоҳише дорам, ки акнун ходимат гардам,
Фидокору вафодори ту бошам аз дилу аз ҷон».

ეროვნული ბიბლიოთეკა

**Чу бишнид ин хабарро Фарсадан шуд шоду бо элчӣ**
**Ҷавобе инчунин гардонд: «беҳад шукр оллоро,**
**Ки биншинӣ ту ҳам монанди ман бар тахти Ҳиндустон,**
**Биё то чун падар, чун додарам ҳурмат кунам ин ҷо».**

**Ба ӯ як тахт эҳсон карду ҳам хондаш амирулбаҳр,**
**Амирулбаҳри Ҳиндустон — сипаҳсолор ҳам мешуд,**
**Мароми подшоҳӣ бехато мебурд, ӯ аммо**
**Фақат қайсар[1] набуд, дигар зи ҳар ваҷ ҳукмфармо буд.**

**Сареданро ба худ ҳамсар шумурда Фарсадан мегуфт:**
**«Чӣ хушбахтам, надорад ин амирулбаҳри ман ҳамто».**
**Ба вақти сайду ҷанг аз дасташон душман амон меҷуст,**
**Наям ман чун падар, он сон, ки чун ман нест кас пайдо.**

---

[1] Қайсар — лақаби подшоҳони Юнон.

Шаҳу шаҳбонуи хуршедрӯ буданд бе фарзанд,
Ғамин буданд аз ин, ҳам ба лашкар буд ҳатар он дам,
Ба рӯзи лаънатӣ гаштам таваллуд аз амирулбаҳр,
Бигуфто шоҳ: «аз ҷинси ман ин фарзанди худ хондам».

Маро шаҳбонуву шаҳ тарбият карданд, чун фарзанд,
Ки то фармондеҳии мулку лашкар ояд аз дастам,
Ба донишманд додандам мароми шоҳӣ омӯзад,
Чу ман болиғ шудам хуршедрӯи шертан гаштам.

Бигӯ, Асмат, агар бошад дурӯғе дар чунин нақлам,
Ки чун синнам ба панҷ омад мисоли гул шукуфтам ман;
Ба ҳарҷо шерҳо мекуштам осон ҳамчу гунҷишке,—
Раҳо шуд Фарсадан з-он пас зи бефарзанд ғам хӯрдан.

Руҳам зардаст ҳоло, лек медонӣ ту, эй Асмат,
Ки ман як вақт аз хуршед ҳам хушрӯйтар будам,
Маро ҳар кас кӣ бинад: «мисли ғилмонаст ин» мегуфт.
Дареғо нест акнун он ҷамолу рӯҳи хушнудам.

Ба синни панҷ будам, шоҳбону ҳамл пайдо кард
Пас аз ин паҳлавон бо оҳ гуфт: «ӯ духтаре зоид»,—
Дигар беҳуш шуд вай, об зад бар синааш Асмат,
Бигуфто боз: «аз хурдӣ рухаш чун меҳр метобид».

Забони нотиқи ман оҷизаст аз мадҳи он духтар,
Ба ҳар сӯ Фарсадан бо карру фар ин мужда эълон
кард,
Ба табрикаш басе шоҳон ҳазорон тӯҳфа оварданд,
Ки аз он ганҷҳо лашкар ба худ давлат фаровон кард.

ეროვნული
ბიბლიოთეკა

Паёпай номаборон гашт рӯзи зодани Бону,
Ҳазорон элчӣ омад аз тамоми мулки Ҳиндустон.
Маҳу хуршед шоду осмон ҳам нур мепошид,
Ҳар он ҷинсе ки онҷо рафт аз шодеш шуд рақсон.

Пас аз ҷашни таваллуд тарбият карданд моёнро,
Дар он дам ӯ ба монанди шуои шамс сӯзон буд,
Шаҳу Бону баробар бар дуйи мо меҳрубон буданд,
Кунун номе, ки оташ зад ба дил, вирди забонам шуд.

Баҳодур номи ӯро дар забон бигрифту аз худ рафт,
Сияҳ шуд қалби Автандил зи оҳи ӯ, фиғон бинмуд,
Ба вай пошид об Асмат, ба ҳуш овард. Ӯ гуфто:
«Ба ман деҳ гӯш, рӯзи марги ман имрӯз хоҳад буд».

Ба ном он духтари некӯсифат Нестан-Дареҷон буд,
Ба синни ҳафтсолӣ духтари зебову доно шуд,
Дили сахти чу фӯлод об мешуд з-оташи ҳаҷраш,
Рухи хуршедмонандаш дили маҳро хиҷил бинмуд.

Валиаҳдаш шумурда шаҳ ба ҳифзи духтарак кӯшид,
Чу ӯ гардидболиғ ман ба ҷангидан шудам қобил;
Маро боз аз сари нав гашта бар дасти падар доданд,
Шикори шер мекардам, ҳама мешуд ба ман қоил.

Барои духтари худ шоҳ қасреро бино фармуд,
Дар он тахти равон аз санги лаъли яшм шуд буньёд,
Бишуд ороста бо чашмаву гулзорҳо саҳнаш,
Дар он ҷо зист ёре, к-ӯ ба буньёди ман оташ дод.

Ба маҷмар рӯзу шаб ҳушбӯиҳоро дуд мекарданд,
Гаҳе сайри чаман мекарду гаҳ дар қаср меистод,
Дар он ҳангом Довар — хоҳари шаҳ дар каҷете буд,
Ба вай биспурд шаҳ фарзанди худ, ӯ тарбият медод.

Тамоми қаср бо кимхобу бахмал гашта пурзинат,
Ба таври беназир он ёр гулрангу булӯрӣ шуд,
Қади дилбар дар он ҷо сарвсон нашъунамо меёфт,
Ба ҳамроҳи канизу Асмат он машғули бозӣ буд.

Ба синни понздаҳ будам, чу фарзандаш нигаҳ медошт,
Намекард аз барои хоб кардан ҳам шаҳ аз худ дур.
Нишонгирии тирандозиамро мадҳ мекарданд,
Руҳам меҳру қадам сарву ба сони шер гаштам зӯр.

Зи тирандозиам паррандаву дарранда мекуштам,
Ба майдон гӯйбозӣ менамудам баъди сайёдӣ,
Пас аз он одатан дар хона базме доштам, аммо
Рухи лаъли дурахшонаш ҷудоям кард аз ин шодӣ.

Маро рӯзе падар ногоҳ дар чанги аҷал афтод,
Дили хурсанду шоди Фарсадан мотамсаро гардид,
Тамоми душманонаш, ки аз ӯ дар тарс мебуданд:
Шуда хурсанду рӯзи дӯстон шоми азо гардид.

Мани бадбахт биншастам ба мотамхона то як сол,
Шабу рӯзам ба ғам бигзашт, дилсӯзе нашуд пайдо,
Ба ман дарбориён ин гуна амри шаҳ расониданд:
«Либоси мотам, эй фарзандам, акнун аз барат парто».

Зи марги ӯ баробар бас ҳазин гаштем мо ҳар ду,
Пас аз ин дур созӣ гар либоси мотамат аз бар,
Нишинӣ бар сари тахти падар, гардӣ амирулбаҳр,
Нисорат мекунам аз ҷону дил садгуна симу зар.

Зи мотамхонаам дарбориён карданд берунам,
Нашуд хомӯш бо ёди падар он оташи сӯзон,
Маро бӯсида монанди падар-модар зи хурсандӣ,
Бапо карданд базми нав амалдорони Ҳиндустон.

Чу фарзанд онҳо дар назди тахти худ нишонида,
Биёмӯхтанд кори даҳшатангези падар бар ман,
Намудам саркашӣ аз он, вале карданд маҷбурам,
Зи бас гаштам амирулбаҳр, кардам саҷда маҷбуран.

Аз он бигзашт чандин солҳо, кардам фаромӯшаш,
Надонам саргузашти пуразобамро чи сон гӯям,
Ҷаҳони бебақо ҳаргиз вафо бар ман намесозад,
Шарори оташ афкандасту ман дар сӯзиш аз ӯям».

ეროვნული
ბიბლიოთეკა



## РАФТАНИ АВТАНДИЛ АЗ НАЗДИ ПОДШОҲ ФРИДОН БА ҶУСТУҶӮИ НЕСТАН-ДАРЕҶОН

Равон буд бо ғуломон аз канори баҳр Автандил,
Ки аз баҳри Тариэл марҳамеро то кунад пайдо,
Дар ин раҳ аз ду чашмаш селҳои ашк меборид,
Чу хору хас намоён буд бар чашмони вай дуньё.

Ҳар он касро, ки бинад дар канори баҳр, мепурсид,
Макони офтоберо, ки он ҷо ҷустуҷӯ дорад;
Миёни кӯҳсорон рӯбарӯ бо корвон гардид,
Ки аҳли корвон маъюс бо худ гуфтугӯ дорад.

Қатори уштурони корвон истода назди баҳр,
Парешонхотир аҳли корвон буданд бетоқат,
Ба онҳо паҳлавон таъзим карду ҳолашон пурсид:
«Шумоён кистед? Савдогарон?», шуд байнашон сӯҳбат.

Усам, саркардаи онҳо ки марди бозаковат буд,
Сифоти паҳлавони боадабро хонд аз ҳад беш,
Дуое карду гуфт: «Эй офтоби мо, ҳаёти мо,
Фуро аз асп, соземат баён таърихи кори хеш!»

Фуруд аз асп омад, корвон ҳам дар ҳикоят шуд:
«Мусулмонему аз савдогарони мулки Бағдодем,
Ҳама баҳри тиҷорат андар он шаҳри амирулбаҳр,
Ба раҳ бо молҳои шоҳию абрешим афтодем.



ეროვნული ბიბლიოთეკა

ეროვნული
ბიბლიოთეკა

Дар ин ҷо дар канори баҳр дидем одаме беҳуш,
Ба ӯ ёрӣ расонидем, охир бар забон омад.
Бипурсидем: «ин ҷо бо чӣ корӣ?» гуфт: «раҳзанҳо
Шуморо мекушанд он ҷо, маро хуб шуд, амон омад!»

Бигуфто боз: «Мо бо посбонон омадем аз Миср,
Зи моли шоҳии абрешимӣ пур гашт киштиҳо,
Вале дуздони дарьё ҳамла оварданд бо шашпар,
Намедонам чи сон афтода бошам дар лаби дарьё».

Аз ин рӯ мо ҳама истодаем, эй шер, эй хуршед,
Зи раҳ гардем агар, харҷи зиёни мост сад чандон;
Ба киштӣ гар қадам монем, бешак, маҳв мегардем,
Надорем иқтидори ҷанг зидди тӯдаи duздон.

Бигуфто паҳлавон: «Беҳуда ғам хӯрдан хато бошад,
Чу сон мумкин, ки бигрезем аз фармудаи тақдир.
Ба ҳифзи хунатон масъуламу онро ба ҷӯш орам,
Кашида аз ғилоф орам ба ҷанги хасматон шамшер».

Аз ин шуд корвон ғарқи фараҳмандию мегуфто:
«Надорад бок аз душман, яқин, ӯ паҳлавоне аст,
Бубояд кард ором аз далериҳош дилҳоро».
Ба киштӣ ҷой бигрифтанду киштӣ шуд равон бо шаст.

Дар он боду ҳавои дилкушо осуда мерафтанд,
Ба онҳо паҳлавони дилкавӣ ҳомию раҳбар буд,
Ба ногаҳ киштии дуздон намоён гашт бо байрақ,
Мусаллаҳ баҳри маҳви киштиҳо бо гурзу шашпар буд.

Паёпай бо ҳаёҳу раҳзанон наздик мегаштанд,
Дили савдогарон аз дидани онҳо ба ваҳм афтод.
Бигуфто паҳлавон: «Аз ҳайбати онҳо чӣ метарсед?!
Тамоман маҳв созам, ё сарам барбод хоҳам дод.

Ҳимоятгар шавад тақдир агар, урдуи олам ҳам
Хатар оварда натвонад ба куллӣ дар ҳаёти ман,
Нагардад гар ҳимоятгар, амон ҳаргиз намеёбам,
Набошад қалъае ё мӯнису ёре наҷоти ман.

Шумо савдогарон — тарсончакон дар ҷангҳо хомед,
Бипӯшонед дарҳо, то нишони тир нанмоянд!
Бубинедам чи сон бо бозуи шерона меҷангам,
Чи сон дуздон зи хунрезии шамшерам ба танг оянд».

Зиреҳ пӯшида, бар дасташ сипар, чун бабр бихрӯшид,
Ба сӯи киштии душман ҳуҷум оварда исьён кард,
Далерона биҷаст андар ақиби киштӣ Автандил
Ба шамшераш ба як дам душманонро каллапаррон кард.

Паёпай бо ҳаёҳу лашкари дуздон дар он ҳангом
Ба шашпар мезадандаш паҳлавони сахтпайкарро,
Наларзида ба ҷояш, бо сипар зад шашпари дуздон,—
Шикасту бозуи шерафкани вай хам нашуд аммо.

Ба киштии хатарнодида танҳо монд Автандил,
Ба тарс афтода душман аз паи роҳи халосӣ буд,
Ба онҳо пеши роҳи паҳлавон мумкин нашуд гиранд,
Ба хуни хеш ғалтону тани бисьёр захмин шуд.

Чу буз сар мезад онҳоро диловар ҳашт андар ҳашт,
Нӯҳандар нӯҳ ба киштӣ ё ба баҳри мудҳиши пурҷӯш;
Касони зинда ҳам пинҳон миёни мурдагон буданд,
Намегардид ҳаргиз нолаву фарьёдашон хомӯш.

«Накуш моро ба ҳаққи мазҳабат» гӯён касе аз вай
Тараҳҳум хост, онро паҳлавон бинмуд асири банд,
Ҳамон тавре ки худ мехост фотеҳ гашт Автандил,
«Муҳаббат ояд аз бим оқибат» гуфтаст донишманд.

Макун бо қувваи худ фахру чун мастон марав аз худ,
Чӣ суд аз зӯри бозӯ гар нагардад ҳақ мададгорат,
Бисӯзад бешаро як зарра оташ, гар худо хоҳад,
Дарахтеро ба зарбе афганӣ, гар ҳақ шавад ёрат.

Дар он ганҷинаи пурборашонро дид Автандил,
Садо бар корвон зад ӯ, ба киштӣ баста киштиро.
Ӯсам вақте ки инро дид, аз шодӣ забон бикшод,
Ба авсофи накӯяш кард ӯ мадҳияе иншо.

Забони нотиқе бояд паи тавсифи Автандил,
Ки то симои баъд аз ҷангии ӯро кунад тасвир.
Садо зад корвон: «ё ҳазрато, мо аз ту миннатдор,
Шаби торик шуд равшан зи нури меҳри оламгир».

Варо карданд истиқболу дасту пош бӯсиданд,
Намеканданд чашм аз ӯ, ба вай ҳамду сано гуфтанд.
Шавад аз ақл бегона касе, к-ин паҳлавонӣ дид,
«Наҷот аз хиҷлати шармандагӣ додӣ ба мо» гуфтанд.

Бигуфто паҳлавон: «халлоқи оламро ташаккурҳо,
Навишт ӯ ҳарчӣ бо қудрат, дар ин ҷо лозимаст иҷро.
Тамоми чизро махфӣ кунад ӯ, ошкоро ҳам,
Чу донишманд бояд кард бар ин боварӣ пайдо.

Зи лутфи ҳақ шуморо ҷону тан инак саломат монд,
Мани афсурдаи оҷиз зи пеши худ чӣ мекардам?!
Бикуштам душманонро ҳарчӣ гуфтам, кардаам иҷро,
Шуморо киштии пурмол инак тӯҳфа овардам».

Хушо он лаҳзае, к-аз ҷанг ояд паҳлавон фотеҳ,
Кунад ӯ аз рафиқон бартарӣ дар қуввaву ашьё,
Кунанд аз ҳар тараф табрику таърифаш хиҷолатнок,
Ба ӯ захми каме ҳусни зиёде мекунад пайдо.

ეროვნული
ბიბლიოთეკა

Бишуд тафтиш дар он рӯз яксар киштии дуздон,
Басо ганҷина буд, монданд оҷиз аз ҳисоботаш,
Тамоми моли он киштӣ ба киштии худ оварданд,
Шикаста киштии раҳзан, ба ӯ яксар заданд оташ.

Ӯсам гуфто ба Автандил: «Сафири корвонам ман,
Зи ту гаштем мустаҳкам, ҳама аз ту хиҷолатманд,
Аз они туст, эй сафдар, ҳар он чизе ки мо дорем,
Аз он чизе ки бахшӣ, сарфарозем, эй саодатманд».

Ба овози баланде паҳлавон гуфто: «бародарҳо,
Худо ашки шумо диду раҳой дод аз аъдо.
На ман додам раҳой, то ки фахрам, аз чи ин бахшиш?
Басаст аспи худам бар ман, надорам ҳоҷати ашьё.

ეროვნული
ბიბლიოთეკა

Агар мехостам ганҷина, ман худ доштам қудрат,
Ки ман ҳам будаам дорои ашьёҳои пурқимат,
Чӣ суд аз молатон бар ман, шуморо ҳамсафар ҳастам,
Маро корест, к-ӯ дорад талаб мардонагӣ, ҳиммат.

Аз он ганҷинаҳо, бигзор ҳар як аз шумо гирад,
Муқобил нестам, лек аз шумоён хоҳише дорам,
Маро корест дар пеши вай аз ман ин талаб дорад,
Ки дар байни шумо пинҳон бимонам баҳри он корам...

Нахонедам ҷаноби худ маро то ин ки ояд вақт,
Нагуфта паҳлавониам биномедам фақат сардор,
Либоси тоҷирӣ дарбар намуда мекунам савдо,
Худоро, ман шумоёнро ба худ хонам рафиқу ёр.

ეროვნული
ბიბლიოთეკა

Гурӯҳи корвонро кард ин таклиф бас дилшод,
Ба вай таъзим карданду бигуфтанд: «Ин умеди мост.
Ту аз мо хостӣ онро, ки дар дил матлаби мо шуд,
Ба хизмат ҳозирем, эй чеҳраат хуршеди рӯҳафзост».

Нагашта мунтазир дигар аз он ҷо пеш мерафтанд,
Ҳаво бисьёр форам буд, бас некӯ шино карданд,
Зи ҳамроҳии Автандил фараҳманду саногӯён,
Ба зебой, чу дандонаш, гуҳарҳо бахшиш оварданд.

ეროვნული
ბიბლიოთეკა



## ФАТҲИ ҚАЛЪАИ КАҶЕТӢ ВА НАҶОТ ДОДА ШУДАНИ НЕСТАН-ДАРЕҶОН

Дурахшонтар зи меҳр ин паҳлавононро кӣ медидам
Зи боло ҳафт ахтар партавафкан буд ба ин се кас:
Тариэл бо қади мавзун савори аспи мушкин буд,
Зи ҷанги онҳо помол шуд душман чу хору хас.

Зи ман тавсифи зерин ҳам мувофиқ ҳаст ононро,
Чу сели кӯҳие буданд к-аз борон шуда пайдо.
Баланду пастро бо хештан ғурришкунон бурдӣ,
Вале ором гаштӣ чун шудӣ пайваст бо дарьё.

Фридон ё ки Автандил ба зӯрӣ гарчи бемисланд,
Вале натвон намудан бо Тариэл ҳамсарӣ дар ҷанг.
Баромад офтобу чеҳраи анҷум ниҳон гардид,
Ҳикоят бишнавед акнун зи ҷанги сахт бо ин ранг.

Се тан дарвозаҳоро байни худ тақсим бинмуданд;
Далерон доштанд онҳо ба худ се сад нафар он ҷо.
Ба чолокӣ камингоҳе ба онҳо сохтанд он шаб:
Саҳаргаҳ бо сипар шуд пешрав ҳар як тан аз онҳо.

Чу сайёдон ба оромӣ дар аввал роҳ мерафтанд.
Аз онҳо пай набурданд аҳли қалъа монда дар ғафлат.
Ҳама фориғ зи ваҳми душманон буданду бепарво,
Зиреҳ чобук бипӯшиданд назди қалъа бо ғайрат.

Зи маҳмиз [1] аспҳо ҷасту садо омад зи қамчинҳо,
Зи шаҳр ошӯб боло шуд чу дарҳо боз гардиданд.
Се тан аз се тараф дар пеш мерафтанду ҷон дар каф,
Чӣ таблу карнаю ноқус [2] ҳамовоз гардиданд.

Каҷетӣ шуд гирифтор он замон қаҳри илоҳиро:
Назар мекард поёнро Кронос аз ғазаб яксар,
Фалак тири аҷал мерехт бар фарқи сари онҳо,
Тани бесар, сари бетан ба майдон мешуд афзунтар.

Тариэл бонг зад, дар ларза омад пайкари лашкар,
Кафид аз наърааш ҷавшан, саропо пора шуд занҷир,
Зи се ҷониб ба дарвоза ҳуҷум оварда мекуштанд,
Паи тороҷи қалъа пас шуданд онҳо ба доругир.

---

[1] Маҳмиз — оҳане ки саворони ҳарбӣ ба пошнаи мӯза мебанданд.
[2] Ноқус — занги бузург.

Даруни қалъа Автандил, Фридон рӯ ба рӯ гаштанд,
Ба сони сел ҷорӣ буд аз онҳо хуни душманҳо,
Зи рӯи шодмониҳо садо бо як дигар доданд:
«Тариэл дар куҷо бошад?» — ҳамеҷустанд пас ӯро.

Зи бас ҷои Тариэлро надонистанд ҳеҷ онҳо,
Нигаҳ нокарда бар душман сӯи дарвоза гардиданд;
Дар он ҷо теғу ханҷарҳо фузун диданд бишкаста,
Ҳазорон посбонони ба хун оғуштаро диданд.

Чу беморе нигаҳбонони қалъа хоб мекарданд,
Зи сар то пой маҷрӯҳу зиреҳҳо пора буд ҳар сӯ.
Ҳама дарҳои қалъа канда гашта, дур афтода,
«Ҳамин кори Тариэл» гуфта донистанд он ҳар ду.

Раҳи зери заминӣ карда пайдо роҳ мегаштанд
Бидиданд ин ки мор оварда меҳру моҳро[1] як ҷо.
Тариэл буд бетосу кулаҳ печида дар сунбул,
Ба гарданҳои якдигар фиганда дасти худ онҳо.

Ба оғӯши муҳаббат бӯсазан буданду ашкафшон:
Зуҳал бо Муштарӣ якҷо, ту гуфтӣ, ҷамъ гардиданд,
Рухи зебои гул аз партави хуршед рахшон шуд,
Кунун шоданд он ду гарчи ғамҳо пештар диданд.

Лабон чун барги гул бишкуфтаву часпон ба ҳамдигар,
Ба бӯса гармрав ҳар ду дар он дам дамбадам буданд,
Чу берун омаданд онҳо, се додар ҷамъ гардиданд,
Зи ҷон Нестан-Дареҷонро муборакбод бинмуданд.

---

[1] Меҳру моҳ — ишора ба Тариэл ва Нестан — Дареҷон (Тарҷимон).

ეროვნული ბიბლიოთეკა

Ба истиқболи онҳо меҳри хандонрӯ бурун омад,
Зи рӯи лутф бӯсид ӯ ду ёрони Тариэлро.
Намуд изҳор миннатдории худро ҳалимона,
Ду тан суҳбат ба ҳам оростанд он ҷо хушу зебо.

Тариэлро — ниҳоли сабзро табрик бинмуданд,
Муборакбод аз фатҳу зафарҳояш басе гуфтанд.
Силоҳи ҷанг нодода зи каф, шерона ҷангиданд,
Зи майдон душманонро дур бинмуданду бишкуфтанд.

Зи сесад тан — саду чил кас талаф доданд андар ҷанг,
Фридон з-ин ҷиҳат ғамгин шуд, аз сӯи дигар хушнуд.
Ҳаме ҷустанд боқимонда душманрову мекуштанд,
Ғаниматҳои дар даст омада он ҷой афзун буд.

ეროვნული
ბიბლიოთეკა

Хачиру уштуронро ҷамъ оварданду пас аз он
Ба пушти се ҳазор уштур ҷавоҳир бор бинмуданд,
Ба маҳмил барнишонданд он замон меҳри дурахшонро,
Барои эҳтиёташ бо дилу ҷон ғайрат афзуданд.

Барои посбонӣ дар каҷетӣ шаст тан монданд,
Ба худ хуршедро бурданд, кас натвон гирифт ӯро,
Зи роҳи дур сӯи шаҳри Морей рафта мегуфтанд:
«Кунем он ваъда иҷро Фотимаро дода бахшишҳо».

# МУНДАРИҶА

Шота Руставелӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . 5

«Паҳлавони пӯсти палангпӯш» . . . . . . . . . . . . . 10

Дебоча *(Тарҷ. А. Аслам)* . . . . . . . . . . . . . . 13

Қиссаи Ростеван — подшоҳи араб *(Тарҷ. Ш. Нодир)* . . . . 24

Подшоҳ Ростеван ва Автандил дар шикор *(Тарҷ. Ш. Нодир)* . 38

Чи навъ подшоҳи араб паҳлавони пӯсти палангпӯшро дид. *(Тарҷ. Ш. Нодир)* . . . . . . . . . . . . . . . 43

Автандилро ба ҷустуҷӯи паҳлавони пӯсти палангпӯш фиристодани Тинатин *(Тарҷ. Ш. Мастон)* . . . . . . . . . . 56

Ба ҷустуҷӯи паҳлавони пӯсти палангпӯш рафтани Автандил *(Тарҷ. Ш. Мастон)* . . . . . . . . . . . . . . : 72

Суҳбат оростани Автандил бо Асмат андаруни ғор *(Тарҷ. А. Аслам)*. . . . . . . . . . . . . . . . . . . 89

Мулоқоти Тариэл бо Автандил *(Тарҷ. А. Аслам)* . . . . . 106

Саргузашти Тариэл, ки аввалин бор ба Автандил ҳикоя кард. *(Тарҷ. М. Турсунзода, А. Деҳотӣ, Р. Ҷалил)* . . . . . . 117

Рафтани Автандил аз назди подшоҳ Фридон ба ҷустуҷӯи Нестан-Дареҷон *(Тарҷ. М. Турсунзода, М. Аминзода)* . . . . 128

Фатҳи қалъаи Қаҷетӣ ва наҷот дода шудани Нестан-Дареҷон *(Тарҷ. Ҷ. Суҳайлӣ)* . . . . . . . . . . . . . . . . 140

ეროვნული ბიბლიოთეკა

*Шота Руставели*

**ВИТЯЗЬ В ТИГРОВОЙ ШКУРЕ**

(на таджикском языке)

Муҳаррир *З. Воҳидов*
Рассом *Л. Арзуманов*
Муҳаррири расмҳо *Т. Королёва*
Муҳаррири техникӣ *М. Ҷаъфаров*
Мусаҳҳеҳ *С. Турсунов*

Ба матбаа 18/VII-1966 супурда шуд. Ба чопаш 11/VIII-1966 имзо шуд. Қоғази № 2, $70 \times 108^{1}/_{32}$. Ҷузъи чопӣ 4,625. Ҷузъи чопии шартӣ 6,475. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 2,62. Адади нашр 5000. Супориши № 7258. Нархаш 27 тин.

Нашриёти „Ирфон“, Душанбе, кӯчаи Шевченко, 10.
Комбинати полиграфии Комитети матбуоти назди Совети Вазирони РСС Тоҷикистон.

ეროვნული
ბიბლიოთეკა



ეროვნული
ბიბლიოთეკა

427